Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаи мазкур аҳаммияти махсус дорад. Вобастагии зиёди кишоварзӣ аз шароити табиию иқлимӣ, маҳдуд будани захираҳои замин ва об, инчунин зарурати нигоҳ доштани иқтидори истеҳсолии онҳо талаботи объективиро ба гузариш ба модели аз ҷиҳати экологӣ нигаронидашудаи рушди соҳа муайян менамоянд.

Татбиқи чунин равиш барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва истифодаи нисбатан пурраи иқтидори захираҳои табиии кишвар имконият фароҳам меорад.

Нақши калидӣ дар ташаккули чунин модел ба давлат тааллуқ дорад. Маҳз танзими давлатӣ механизмҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва иқтисодиеро муайян менамояд, ки ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ҳавасмандгардонии фаъолнокии сармоягузорӣ, такмили низоми истифодаи замин ва тавсеаи амалияи истифодаи оқилонаи захираҳои табииро таъмин мекунанд. Самаранокии ин воситаҳо аз бисёр ҷиҳат суръати гузариши бахши аграриро ба модели рушди устувор муайян менамояд.

Таҷрибаи байналмилалӣ тасдиқ мекунад, ки ноил гардидан ба устувории дарозмуддати низомҳои озуқаворӣ бидуни дигаргунсозии маҷмуии равишҳои мавҷудаи ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ ғайриимкон аст.

Тибқи арзёбии Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО), ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, коҳиш додани талафоти истеҳсолӣ ва партовҳои озуқаворӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин, об ва энергетикӣ, инчунин рушди усулҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатари пешбурди кишоварзӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок боқӣ мемонанд [4].

Дар баробари иҷрои вазифаи анъанавии худ оид ба таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, соҳаи муосири кишоварзӣ ба унсури муҳими мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, барқарорсозии заминҳои таназзулёфта ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ табдил меёбад.

Татбиқи амалии самтҳои зикршуда бе фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузорӣ, навсозии инфрасохтори деҳот, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии деҳот ва таҳкими робитаҳои иқтисодӣ байни ҳудудҳои деҳот ва шаҳр ғайриимкон аст.

Маҷмуи ин тадбирҳо барои афзоиши устувори даромади истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти аграрӣ ва таҳкими истиқлолияти озуқаворию давлат шароит фароҳам меорад.

Аҳаммияти стратегии кишоварзӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо бо саҳми он дар иқтисоди миллӣ, балки бо нақши муайянкунандааш дар таъмини бехатарии озуқаворию кишвар низ вобаста мебошад.

Ҳамзамон, таъсири рӯзафзуни тағйирёбии иқлим, шиддат гирифтани рақобати байналмилалӣ ва зарурати истифодаи оқилонаи захираҳои маҳдуди табиӣ таҷдиди сифатии модели амалкунандаи рушди соҳаро тақозо менамоянд. Дар ин робита гузариш ба принсипҳои риояи таносуби мувозинати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро метавон дар амал тавассути ба масири «сабз»-и рушд гузаронидани соҳаи кишоварзӣ татбиқ намуд.

Дар Паёми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки «…Дар давоми 10 соли охир, яъне дар давраи татбиқи ду барномаи кӯтоҳмуддати кишвар, ки даврaҳои марҳилавии амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро фаро мегиранд, баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, баланд бардоштани сатҳ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ тадбирҳои зиёди муҳимму самаранок амалӣ карда шуданд.

Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар афзоиш ёфта, иқтисоди миллӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз рушд кардааст» [1, с. 1].

«…Барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар ин давра аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ зиёда аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона карда шудааст. Дар ин давра ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар афзоиш ёфта, аз 6 ҳазор сомонӣ дар соли 2015 ба 16,1 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расонида шудааст» [1, с. 1].

Таҳқиқот нишон дод, ки ба ҷолибияти сармоягузорӣ омилҳои зиёди марбут ба татбиқи принсипҳои рушди «сабз»-и иқтисодиёт ва экологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир мерасонанд.

«…Аҳолии кишвар аз 8,5 миллион нафар дар соли 2015 ба 10,7 миллион нафар дар соли 2025 расида, яъне 26 фоиз зиёд гардид ва нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ аз 70 сол ба 77 сол расид. Дар ин давра сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфт. Даромади пулии аҳолӣ аз 26 миллиард сомонӣ дар соли 2015 ба 165 миллиард сомонӣ дар соли 2025, яъне 6 баробар афзоиш ёфт» [1, с. 1].

Инчунин, ин нишондиҳандаҳо аз ҷумлаи меъёрҳои асосие мебошанд, ки ба ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар низоми сармоягузориҳои «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд.

«…Дар соли 2025 Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 ҳамчун марҳалаи ниҳоии татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардид. Татбиқи саривақтӣ ва босифати он имкон медиҳад, ки дар панҷ соли минбаъда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 2 баробар зиёд карда шуда, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз коҳиш дода шавад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз расонида шавад.

Тибқи дурнамои рушди иқтисодӣ, афзоиши он ҳар сол ба ҳисоби миёна беш аз 8 фоиз, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 20 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 8,4 фоиз ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ беш аз 12 фоизро ташкил хоҳад дод.

Ба Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба ин супориш дода мешавад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои афзалиятноки рушд татбиқи саривақтӣ ва пурраи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030-ро таъмин намоянд» [1, с. 1].

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки беҳтар гардидани натиҷаҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ бо афзоиши талабот ба маҳсулоти хӯрокворӣ алоқаманд мебошад.

«…Айни замон дар кишвар дар самти ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, сохтмон ва таҷдиди иншооти энергетикию нақлиётӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, зиёд намудани ҳаҷми хизматрасониҳо, тавсеаи ҳамкории минтақавию байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои гуногуни муҳим тадбирҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд» [1, с. 1].

Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити вобастагии назаррас аз ҳолати захираҳои замин, об ва дигар захираҳои табиӣ рушд менамояд. Ҳамзамон, идома ёфтани равандҳои таназзули хок, афзоиши норасоии об ва шиддат гирифтани таъсири тағйирёбии иқлим имкониятҳои рушди минбаъдаи истеҳсолоти аграриро маҳдуд месозанд.

Ин ҳолат такмили сиёсати давлатиро тақозо менамояд, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи дарозмуддати иқтидори захиравии кишвар нигаронида шудааст.

«…Дар соли 2025 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати воқеии рушди он 8,4 фоизро ташкил дод. Дар баробари ин, зарур аст, ки дар соли 2026 рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин карда шуда, дар солҳои минбаъда устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нигоҳ дошта шавад» [1, с. 1].

Яке аз самтҳои нисбатан ояндадори ҳалли вазифаҳои зикршуда ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисодиёти «сабз» мебошад, ки рушди кишоварзии органикӣ ҷузъи муҳими онро ташкил медиҳад. Паҳн намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатари истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки ҳамзамон сарбории антропогенӣ ба муҳити зист коҳиш дода

шуда, ҳосилхезии заминҳо ҳифз гардад, сифати маҳсулоти кишоварзӣ баланд бардошта шавад ва амнияти озуқаворӣ таҳким ёбад.

Дар баробари ин, барои тавсеаи иқтидори содиротии маҳсулоти ватанӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии бахши аграрӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоянд.

Дар чунин шароит такмили механизмҳои танзими давлатии бахши аграрӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Рушди онҳо бояд ба фароҳам овардани шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалие равона карда шавад, ки гузариши кишоварзиро ба модели аз ҷиҳати экологӣ устувори фаъолият таъмин менамоянд ва ба принсипҳои иқтисодиёти «сабз» ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ асос меёбанд.

Дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ. Ба омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва амалии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти «сабз» таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Дар ин самт ҳам олимони хориҷӣ ва ҳам ватанӣ таҳқиқот анҷом додаанд ва ҳоло низ анҷом медиҳанд.

Маҷмӯи зиёди интишороти олимони рус ба масъалаҳои рушди кишоварзии органикӣ бахшида шудааст, аз ҷумла дар корҳои: А.И. Алтухов [15], А.П Градов [23], С.В. Киселев [42], Я.В. Горчаков [26], С.Н., Папсова [55], А.В. Петрикова [54], И.Г. Ушачев ва И.Н. Кузмин [174] ва дигар муаллифон.

Масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва экология аз ҷониби муаллифони зерин таҳқиқ шудаанд: М.А. Иванова [33], В.И. Данилов-Данилан [29], С.Г. Розенберг [57], А.В. Шевчук [71] ва дигар муаллифон. Масъалаҳои муайян намудани мазмуни консепсияи иқтисодиёти «сабз» аз ҷониби муаллифони зерин таҳқиқ шудаанд: С.Н. Бобилов [20], Е.П. Гарина [24], В.И. Клученович [39], Р.А. Байҷалова [17], К.А. Берденова [19].

Таҷрибаи байналмилалии кишварҳо дар самти дастгирии кишоварзӣ ва иқтисодиёт дар корҳои илмии олимони хориҷӣ Гитмана Л.Дж., Джонка М.Д. [25] тавсиф шудааст. Таҳлили тамоюлҳои бозори маҳсулоти органикӣ дар мисоли Аврупо ва ИМА дар мақолаҳои Джонсона М. [27], Самуэльсона П. [66], Смита А. Б.А [14], Уиллера А.Х. [69] баён гардидааст.

Дар байни корҳои олимони ватанӣ, ки ба таҳлили қонуниятҳо ва хусусиятҳои фаъолияти сармоягузории «сабз» бахшида шудаанд, аз ҷумла, таҳқиқоти муаллифони зеринро ҷудо намудан мумкин аст: Қудратов Р.Р. [35], Асроров И.А. [13], Пиризода Ҷ.С. [А-25], Комилов С.Ҷ. [38], Одинаев Ҳ.А. [51], Муҳаббатов Х.М. [46], Самандаров И.Ҳ. [58], Садриддинов М.И [А-14] ва дигар муаллифон.

Масъалаҳои ташкили бозори маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллифони зерин баррасӣ шудаанд: Мадаминов А.А. [45], Бобоҷонов Д.Д. [16], Нурализода Э.Н. [47], Одинаев Ҳ.А. [51], Исайнов Ҳ.Р. [34], Саймуродов Л.Ҳ. [62], Раҳматов Х.Б. [56], дар

таҳқиқоти онҳо механизмҳои рушди кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ устувор дар Тоҷикистон, ки ба истифодаи самаранок ва оқилонаи иқтидори захираҳои табиии кишвар асос ёфтаанд, асоснок карда шудаанд.

Модели иқтисодӣ ва омории омилҳои асосии рушди кишоварзии органикӣ дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон аз ҷониби Вазирова А.К. [21] мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Имкониятҳои гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди «сабз» аз ҷониби муаллифон Муҳаббатов Х.М., Кимсанов У.О. [46] ва дигар муаллифон баррасӣ шуданд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба мақсаду вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи таъсис ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Консепсияи истифодаи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсия оид ба истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об дар Тоҷикистон, Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2025, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025, Барномаи бехатарии озуқаворii Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030, Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 мувофиқат мекунанд. Диссертатсия мутобиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро гардида, бо фаъолияти шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар маҷмааи агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон робитаи мустақим дорад ва дар ҷаласаи муштараки шуъбаҳои институт муҳокима шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар кори диссертатсионӣ асосҳои консептуалии рушди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ баррасӣ шуда, таҳаввулоти назари илмӣ дар бораи танзими давлатии равандҳои сармоягузории сабз ошкор ва равишҳои муосири идоракунии хатари сармоягузорӣ таҳқиқ шудаанд. Инчунин дар рисола асосҳои баҳодиҳии фазои сармоягузорӣ ва ҷолибияти он ба соҳаи аграрӣ асоснок карда шудаанд. Иқтидори сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, вазъи кунунии он омӯхта шуда, асосноккунии иқтисодии сармоягузорӣ ба фондҳои асосии соҳа ва пешгӯии рушди ояндаи кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот – таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин тавсияҳои амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда барои ҷалб ва самаранок истифода бурдани сармоягузорӣ дар заминаи рушди иқтисоди “сабз” -и соҳаи кишоварзӣ иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда зарурати ҳалли маҷмӯи вазифаҳои илмии бо ҳам алоқамандро ба миён овард, ки инҳоро дар бар мегиранд:

- ба низом даровардани равишҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла муайян намудани мавҳӯми сармоягузорӣ дар шароити ташаккули иқтисодӣ “сабз”;
- коркарди равишҳои методологӣ оид ба баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, асосноккунии самтҳои асосии рушди сабзи соҳа ва ҷоннок намудани механизмҳои дастгирии давлатии соҳа ва хариди давлатӣ;
- таҳлили хориҷии амалинамоии сармоягузории “сабз”, муаяйн намудани имкониятҳои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаяйн намудани хусусиятҳои ташаккули захираҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- гузаронидани баҳодиҳии комплексии омилҳои бордорандаи сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла муайян намудани самтҳои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин об, метериалӣ, моддӣ-техникӣ ва молиявӣ;
- таҳлили таъсири ҷараёни сармоягузорӣ дар шароити иқтисодӣ “сабз”, аз он ҷумла шароити ташкилӣ-иқтисодӣ;
- асоснок намудани чорабиниҳо оид ба ҷалби сармоягузориҳо бо назардошти хавфҳо дар шароити нави сабз;
- коркарди чорабиниҳо дар асоси тамоюлҳои ҳазира, омилҳои рушди соҳаи кишоварзии органикӣ;
- муайян намудани механизҳои интитутсионалии дастгирии давлатии рушди иқтисодӣ “сабз”, коркарди дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ барои оянда дар шароити нав.

Объекти таҳқиқот - равандҳои рушди сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули иқтисодиёти «сабз» мебошад.

Мавзуи таҳқиқот — низоми муносибатҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва нақши давлат дар ташаккул ва рушди соҳа дар шароити иқтисоди «сабз» мебошад.

Фарзияи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосири рушди иқтисоди “сабз” бо назардошти омилҳои асосӣ, ҳамчун ҷолибияти сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунанда, рушди соҳаи органикӣ, бо мақсади рушди минбаъадаи устувор номумкин мебошад. Маҷмӯи ин омилҳо имконият медиҳад, ки барои ҷалб ва самаранок истифода бурдани сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шароит фароҳам меоранд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба принсипҳои умумӣ ва равишҳои консептуалӣ асос ёфтаанд, ки дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самтҳои асоснок

кардани назарияи рушди сармоягузории сабз, таҳияи механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва нақши сиёсати давлатӣ дар заминаи рушди устувори “сабз” таҳия шудаанд. Дар баробари ин, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф низ барои таҳкими хулосаҳои илмӣ ва равшан намудани баъзе аз масоили ҷолиби он истифода гардидааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот - аз равишҳои маҷмуавӣ ва низомнокӣ иборат буда он имконят медиҳад, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ рушд ёбад. Дар рисолаи диссертатсионӣ усулҳои таҳлил ва синтези, таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ, пурсишномаҳо ва моделсозӣ, адабиётҳои илмӣ ва дигар усулҳои таҳлили иқтисодӣ истифода шудаанд. Барои ҳалли масъалаи таҳқиқот, усулҳои таҳлилии дар боло зикршуда истифода шуданд. Таҳқиқот ба доираи васеи усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ такя мекунад, ки эътимоднокии онро таъмин менамояд.

Сарчашмаи маълумот. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, инчунин маводи таҳлилии ташкилотҳои байналмилалӣ ва интишороти илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои рушди сармоягузории бахши аграрӣ ва ташаккули иқтисодиёти «сабз» ташкил додаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсия дар шуъбаи «Иқтисодиёти бисёрсохторӣ»-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқоти системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2026 иҷро шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот - аз рушди назария ва методологияи ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти «сабз» иборат мебошад. Натиҷаҳои зерин навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад:

- назарияи рушди иқтисодӣ “сабз” бо назардошти ҷудо намудани ду самти ташаккул: моддӣ-технологӣ, ки ба ҷорӣ намудани техналогияҳои экологӣ бехатар ва низоми трансформатсионӣ бо назардошти экологикунонии комплексии фаъолияти истеҳсолӣ. Муносибати пешниҳодшуда назарияҳои илмии механизмҳои батанзимдарории давлатии соҳаи кишоварзӣ дар марҳилаҳои гуногуни дигаргунсозии экологӣ, асоснок шудаанд;

- коркарди методологӣ оид ба баҳодиҳии комплексии ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ бо хусусиятҳои фарқкунандаи интегратсияи нишондиҳандаҳои потенсиалӣ сармоягузории давлатӣ, ва

коркарди дурнамои рушди соҳа, ки қарорҳои стратегиро дар шароити ташаккули иқтисодӣ “сабз” асоснок менамояд;

- маҳдудияти институтсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии боздошти рушди соҳаи органикии кишоварзӣ, ва асоснок шуда истифодаи таҷрибаи хориҷии механизмҳои сармоягузории сабз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаккули асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзим, рушди стандартизатсия ва зиёд намудани потенсиали содиротии маҳсулоти органикиро афзоиши медиҳанд;

- типологияи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҷолибияти сектори аграрӣ, дар асоси баҳодиҳии комплексии потенсиали моддӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ ва фаъолнокии сармоягузории минтақаҳо коркард шудаанд. Гурӯҳбандии коркардшуда асоси вақеъи барои истифодаи механизмҳои дифференсионалии дастгирии давлатии ташаккули стратегияҳои сармоягузории минтақавиро ташкил медиҳад.

- модели ташкилӣ-иқтисодии такрористеҳсоли молиявии сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, бо назардошти хусусиятҳои минтақавии потенсиали сармоягузорӣ, сохтори манбаҳои маблағгузорӣ, муҳимияти тенологии азнавсозии истеҳсолот ва механизмҳои ҳавасмандгардонии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисодӣ “сабз” асоснок шудаанд;

- аз ҷиҳати илмӣ самтҳои асосии системаи маблағгузории сабз дар асосии бунёди низоми ҳозиразамони инфрасохторӣ, рушди бозори содироткунандаи маҳсулоти органикӣ, ҷорӣ намудани низоми илмии сертификатсия ва дигаргунсозии институтсионалии соҳаи кишоварзӣ, пешниҳод шудаанд;

- қонуниятҳои асосии талабот бо маҳсулоти органикии кишоварзӣ бо назардошти хусусиятҳои табиӣ-иқлимии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда мундариҷаи категорияи масъулияти талаботи истеъмолкунанда ба бозори маҳсулоти органикӣ исбот шудаанд.

- самтҳои асосии мукаммалгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат (дастгирии давлатӣ, амалигардонии барномаҳои мақсаднок, мукаммалгардонии механизми хоҷагидорӣ) дар асоси муаяйн намудани дурнамои соҳа дар шароити иқтисоди “сабз”, пешниҳод шудаанд.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

- асоснок карда шудааст, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва коркарди тавсияҳои сохтории рушди устувор дар ҷумҳурӣ аз ҷиҳати назариявӣ хело муҳим мебошад;

- исбот ва пешниҳод шудааст, ки ҷанбаҳои методологии рушди соҳаи кишоварзии органикӣ аз омилҳои асосии ба он таъсиркунанда дар шароити сабз вобастагӣ дорад;

- исбот шудааст, ки самтҳои сармоягузории сабз (дигаргунсозии институтсионалӣ, дастгирии давлатӣ, рушди соҳаи органикӣ) бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ ва назари муаллиф хело муҳим мебошад;

- коркард ва асоснок шудааст, ки сохтори оптималии ҷалб ва истифодаи самаранокӣ сармоягузорӣ вобаста ба потенсиали минтақавӣ дар шароити нав вобаста аст;

- асоснокқунии илмӣ ва коркарди харитаи роҳ оид ба ҷалби сармоягузориҳо дар шароити рушди иқтисоди “сабз” бо назардошти баланд бардоштан ва мукаммалгардонии инфрасохтори минтақавӣ пешниҳод шудааст;

- пешниҳод шудааст, ки асосҳои интитутсионалии рушди соҳаи кишоварзии органикӣ, мукаммалгардонии сохтори ташкилӣ-иқтисодӣ дар шароити рушди сабз хело муҳим мебошад;

- пешниҳод шудааст, ки дар амалия баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо, ҷорӣ намудани сармоягузориҳои сабз дар шароити рушди устувор лозиманд.

Асосҳои назариви - амалии таҳқиқот. Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шуда, метавонад дар рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисоди “сабз”, истифода шаванд. Инчунин таҳқиқоти гузаронидашуда ба назарияи идоракунии равандҳои сармоягузорӣ, баҳодиҳии комплексии ҷолибияти сармоягузорӣ саҳми илмӣ ва амалии худро мерасонад. Асосҳои назариявии кори диссертатсионӣ пешниҳодшуда, метавонад дар таҳқиқотҳои оянда дар самти самаранок истифода бурдани сармоягузорӣ истифода шаванд. Дар баробари ҳамаи ин, натиҷаҳои ниҳоии бадастомада метавонанд дар фаъолияти амалии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ҳангоми татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба гузариш ба иқтисодиёти «сабз» мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Ба масъалаи таҳкими истифодаи дурусти маълумот оид ба самаранокии раванди сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисоди “сабз” равона гардида, ҳамзамон барои гузаронидани таҳлили асосҳои назариявии самарнокии сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Навгониҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.15. - Иқтисодиёти сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ) мувофиқат мекунанд: банди 1.4. кишоварзӣ ва экология: 1.4.1. - ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии татбиқи иқтисодиёти «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ дар кишоварзӣ ва экология; 1.4.2. - назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз ҷумла муносибатҳои замин ва об, рушди шаклҳои моликият дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС дар шароити гузариш ба низоми иқтисодиёти «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ; 1.4.3. - рушди маҷмааи агросаноросаноатӣ ва шаклҳои минтақавии моликият дар кишоварзӣ ва экология дар шароити гузариш ба низоми

иқтисодиёти «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ; 1.4.5. - мушкилот ва монеаҳои рушди кишоварзӣ дар шароити гузариш ба низоми иқтисодиёти «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ; 1.4.15. - фаъолияти иқтисодии корхонаҳо (хоҷагиҳо) дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ; банди 1.7. Сармоягузориҳои «сабз» ва маблағгузорӣ: 1.7.1. - гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ барои ҷалби фондҳои «сабз», институтсионаликунонии маблағгузории «сабз», инчунин иштирок дар бозори ҷаҳонии вомбаргҳои «сабз» ва маблағгузории «сабз»; 1.7.8. - иштироки бонкҳои Тоҷикистон дар бозорҳои сармоягузориҳои «сабз», таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи иқтисодиёти «сабз» ва пешниҳоди онҳо ба институтҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони тиҷоратӣ.

Саҳми шахсии илмии довталаб. Муаллиф дар ҳама марҳилаҳои татбиқи нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва аҳамияти он, ҳадафҳо ва вазифаҳо мустақиман ширкат варзидааст. Муаллиф саҳми назариявиро дар таҳия ва асоснок кардани самтҳои асосии афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар кишоварзӣ дар шароити иқтисоди «сабз» гузоштааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар чорабиниҳои зерин мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд: семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва мизҳои мудаввари кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (солҳои 2022-2026); конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства», Крымский 11 инженерно-педагогический университет имени Февзи Якубова (28 марта 2022); конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (6-уми майи соли 2023), конференсияи илмӣ-назариявӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Проблемы и перспективы развития финансового сектора Республики Таджикистан в условиях перехода к цифровой экономике», Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (7-уми декабри соли 2024); конфронси илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Стратегические приоритеты развитие национальной экономики в условиях перехода к индустриально-инновационной экономике», Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (1-уми апрели соли 2024) ва ғ.

Ҳамин тариқ, муқаррароти ҷудогонаи натиҷаҳои тадқиқот аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Санади татбиқ аз 19.01.2026 с., № 01/02-1), Академияи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Санади татбиқ аз 10.02.2025 с., №1/20), татбиқ карда шудаанд ва тасдиқ гардидаанд. Инчунин, маводи диссертатсия дар раванди таълим дар

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Санади татбиқ аз 12.01.2026 с., №3/01) истифода шудаанд**.**

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 44 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 13,75 ҷузъи чопии матни мошиннависӣ ба нашр расидааст, аз ҷумла 22 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии ҷузъҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра нашр шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт, ки 303 номгӯйро дар бар мегирад, иборат мебошад. Кор дар 418 саҳифаи матни асосӣ баён гардида, 29 ҷадвал, 24 расм, 24 диаграмма ва 13 замимаро дар бар мегирад.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи илмии он таҳлил карда шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян шудаанд, асосҳои назариявию методологии кор шарҳ дода шуда, усулҳои истифодашудаи таҳқиқот тавсиф гардидаанд. Ҳамчунин, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои тасвиби натиҷаҳои илмии бадастомада пешниҳод шудаанд.

Нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз асоснок намудани равиши назариявӣ оид ба рушди фаъолияти сармоягузории «сабз» ва таҳияи хусусиятҳои сохтории рушди устувори кишоварзии ҷумҳурӣ иборат мебошад.

Таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои он ташаккули консепсияи муосири рушди соҳаи кишоварзиро ба таври объективӣ тақозо менамояд.

Дар чунин шароит баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ бояд на танҳо ба дарки моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо ва хусусиятҳои амалишавии онҳо, балки ба ташаккули аз ҷиҳати илмӣ асосноки ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои дорои иқтидори баланди агросаноатӣ низ асос ёбад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар назарияи муосири иқтисодӣ ва амалияи идоракунии давлатӣ то ҳол ба масъалаҳои ташаккули ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва механизмҳои танзими давлатии он таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир карда намешавад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки категорияи «сармоягузорӣ» тафсири ягонаи аз ҷониби умум қабулшударо надорад ва намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ онро аз мавқеъҳои мухталифи методологӣ баррасӣ менамоянд.

Аз ҷиҳати макроиқтисодӣ сармоягузорӣ ҳамчун қисми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ тавсиф карда мешавад, ки барои истеъмоли ҷорӣ

истифода нагардида, ба афзоиши ҳаҷми сармояи таъминкунандаи рушди минбаъдаи иқтисодӣ равона шудааст.

Ҷолибияти сармоягузорӣ яке аз хусусиятҳои калидии фазои сармоягузорӣ мебошад, аммо категорияҳои мазкур ба ҳам айният надоранд.

Агар фазои сармоягузорӣ маҷмӯи шароити объективии амалӣ намудани фаъолияти сармоягузориро дар ҳудуди муайян инъикос намояд, пас ҷолибияти сармоягузорӣ баҳодиҳии объекти мушаххаси сармоягузориро аз мавқеи сармоягузори эҳтимолӣ ифода мекунад. Дар ин робита сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ бо ҳадафҳои сармоягузорӣ, меъёрҳои интихоб ва имкониятҳои захиравии субъектҳои сармоягузорӣ муайян мегардад, дар ҳоле ки фазои сармоягузорӣ хусусияти нисбатан устувори муҳити берунии сармоягузориро ифода менамояд.

Ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсоҳаи аграрие, ки дар ҳудуди он фаъолият менамояд, дорои хусусиятҳои хоси табиию иқтисодӣ, захиравӣ ва ташкилӣ мебошад. Ҳамзамон, мавҷудияти қонуниятҳои умумии рушди истеҳсолоти агросаноатӣ имкон медиҳад, ки таҳлили муқоисавии онҳо гузаронида шуда, сатҳи ҷолибияти сармоягузории ҳудудҳои алоҳида арзёбӣ гардад.

Олими ватанӣ ва мутахассиси ин соҳа Б.Г. Сафаров таъкид менамояд, ки «…Воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолот дар асоси экстенсивӣ метавонистанд ба диверсификатсияи истеҳсолоти дохилӣ ва минбаъд ба диверсификатсияи содирот мусоидат намоянд. Дар ин сурат вазъи макроиқтисодӣ нисбат ба як қатор истеҳсолот камтар ҳассос мегардад» [63, с. 89].

Ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ сармоягузорони эҳтимолӣ на танҳо самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои мушаххас, балки маҷмӯи хавфҳои макроиқтисодӣ, институтсионалӣ ва сиёсиро низ ба назар мегиранд. Дар шароити муҳити ноустувори иқтисодӣ ҳатто лоиҳаҳои сармоягузории сердаромад метавонанд ҷолибияти худро аз даст диҳанд, ки ин воридшавии сармоягузориҳо, пеш аз ҳама сармоягузориҳои хориҷиро, ба таври назаррас маҳдуд менамояд.

Ба андешаи муаллиф, «…Рушди иқтисодӣ дар соҳаи аграрӣ бевосита ба қобилияти соҳа ҷиҳати таҷдиди сармоя аз ҳисоби ҷараёни устувори сармоягузорӣ такя мекунад. Дар шароити бозор рафтори сармоягузор бо интизориҳои даромаднокӣ ва афзоиши арзиши дороиҳо муайян мегардад, ки ин аксаран сармояи хусусиро ба самтҳои дорои даромаднокии бештар равона намуда, кишоварзиро дар ҳошияи ҷараёнҳои молиявӣ қарор медиҳад» [А-4, с. 30].

Ба андешаи мо, фаъолияти сармоягузорӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди устувори маҷмааи агросаноатии минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Баланд бардоштани суръати рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо аз бисёр ҷиҳат ба ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва идоракунии самараноки ҷолибияти сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи равишҳои назариявию методологӣ ва механизмҳои амалии баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дар марҳалаи муосир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Муаллифи рус таъкид менамояд, ки «…соҳаи сармоягузорӣ ҳамеша мураккаб буда, яке аз омилҳои муайянкунандаи фароҳам овардани заминаи моддии фаъолияти ҳаётии одамон ва дар маҷмуъ иқтисодиёти ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, суръати баланд ва ҳаҷми назарраси андӯхти сармоя шарти зарурии фаъолияти муваффақона ва рушди тамоми бахшҳои иқтисодиёт, махсусан КАС, мебошанд» [49, с. 91].

Ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ бо дигаргуншавии мазмуни фаъолияти сармоягузорӣ, тағйир ёфтани шаклҳои амалисозии сармоягузориҳо, инчунин такмили равишҳои методии арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва муайян намудани меъёрҳои интихоби онҳо ҳамроҳ мегарданд. Дар чунин шароит фаъолияти сармоягузорӣ хусусияти нисбатан мураккаб ва динамикӣ пайдо намуда, мутобиқшавии доимиро ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ тақозо менамояд.

Макконнел Р. ва Л. Брюк сармоягузориро ҳамчун «...хароҷот барои истеҳсол ва андӯхти воситаҳои истеҳсолот ва афзоиши захираҳои моддӣ» маънидод менамоянд [43, с. 12].

Равандҳои муосири сармоягузорӣ дар шароити номуайянии баланди муҳити беруна амалӣ мегарданд, ки ин таъсири хавфҳои сармоягузориро ба натиҷаҳои қарорҳои қабулшаванда ба таври объективӣ зиёд менамояд.

Ба андешаи олими рус., тамоми муносибатҳои вобаста ба ҷалби сармоягузорӣ дар сатҳи объектҳо амалӣ мегарданд. Ӯ ҷолибияти сармоягузориро «…категорияи мустақили иқтисодие мешуморад, ки онро даромаднокӣ, қурби саҳмияҳо, сатҳи дивидендҳои пардохтшаванда ва устувории вазъи молиявии корхонаҳо тавсиф менамоянд» [49, с. 44].

Дар баробари ин, дар адабиёти илмӣ таснифи ҷолибияти сармоягузорӣ аз рӯйи сатҳҳои низоми иқтисодӣ васеъ истифода мешавад, ки баррасии онро дар сатҳҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ пешбинӣ менамояд.

Профессор Содиков М.С., олими ватанӣ, таъкид менамояд, ки «…барои гузариш ба модели дигари рушди иқтисодӣ, яъне ба иқтисодиёти индустриалию аграрӣ, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ шарти муҳими татбиқи ҳадафҳои стратегӣ мебошад» [61, с. 3].

Ҷолибияти сармоягузории минтақа категорияи маҷмуии иқтисодие мебошад, ки маҷмӯи шароитҳои муайянкунандаи мақсаднокии гузоштани сармояро ба ҳудуди мушаххас инъикос менамояд. Сарфи назар аз мавҷудияти таҳқиқоти зиёди олимони ватанию хориҷӣ оид ба

масъалаи мазкур, то ҳол равиши ягонаи илмӣ барои муайян намудани моҳият, мазмун ва сохтори ин категория ташаккул наёфтааст.

Дар робита ба ин, идоракунии самараноки давраи сармоягузорӣ, сари вақт муайян намудани омилҳои хавф ва истифодаи усулҳои муосири идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, ки ба баланд гардидани натиҷанокии он мусоидат мекунанд, аҳаммияти махсус пайдо менамоянд.

Ҷолибияти мутлақ ва муқоисавии сармоягузориро аз ҳам фарқ намудан зарур аст. Дар ҳолати аввал арзёбӣ нисбат ба объекти алоҳидаи сармоягузорӣ анҷом дода мешавад, дар ҳоле ки ҷолибияти муқоисавии сармоягузорӣ тавассути муқоисаи якчанд объекти алтернативии гузоштани сармоя муайян мегардад (ҷадвали 1.).

Дар шароити ҳозира самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ на танҳо бо муайян намудани ҳаҷми капитали ҷалбшуда вале ба сохтори манбаҳои маблағгузорӣ, нархи манбаҳои қарзӣ, сатҳи эҳтимолӣ ва даромади банақшагирифтаи лоиҳаҳо муайян мешавад.

Ба андешаи академик Пириев Ҷ. С., «…Ба ибораи дигар, ин унсури маҷмӯи хароҷотест, ки бо навсозии воситаҳои истеҳсолот, рушди инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоӣ, афзоиши захираҳои молӣ ва ғайра алоқаманд мебошад. Дар микроиқтисод, аз ҷумла дар доираи назарияи истеҳсолот, сармоягузорӣ ҳамчун раванди ташаккули сармояи нав муайян карда мешавад, ки ба такрористеҳсоли васеи воситаҳои асосӣ ва афзун намудани сармояи инсонӣ равона мегардад» [А-25, с. 24].

Мавҷудияти равишҳои гуногуни илмӣ ба муайян намудани ҷолибияти сармоягузорӣ, инчунин гуногунии объектҳо ва ҳадафҳои фаъолияти сармоягузорӣ зарурати дақиқ намудани аломатҳои таснифотӣ ва рушди минбаъдаи равишҳои назариявиро ба низоммандсозии категорияи мазкур ба миён меоранд.

Ҳамин тариқ, Ушачёв И.Г. қайд менамояд, ки «…Ба маънои васеъ сармоягузорӣ маблағҳоеро ифода менамояд, ки ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ бо мақсади ба даст овардани самараи муайян дар оянда, дар шароити номуайянӣ ва хавф гузошта мешаванд. Ба маънои маҳдуд маблағҳоеро, ки ба такрористеҳсол ё афзоиши сармоя бо мақсади ба даст овардани фоида дар оянда равона карда мешаванд, сармоягузорӣ ҳисобидан мумкин аст» [68, с. 68].

Самаранокии сиёсати давлатии сармоягузорӣ бо қобилияти фароҳам овардани муҳити мусоид барои гузоштани сармоя аз ҷониби тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла сармоягузорони хориҷӣ, муайян карда мешавад, ки ин яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, олими рус қайд менамояд, ки «…Ҷолибияти сармоягузории минтақа бо он қайд карда мешавад, ки фазои сармоягузорӣ аз бисёр ҷиҳат афзалиятҳои сармоягузоронро нисбат ба пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ дар ин ё он давлат муайян менамояд, нишондиҳандаҳое, ки фазои

сармоягузориро тавсиф мекунанд, сатҳи вазъиятро аз мавқеи мусоид будан нисбат ба ин ё он объекти сармоягузорӣ дар робита ба сармоягузориҳое, ки метавонанд амалӣ карда шаванд, инъикос менамоянд» [49, с. 125].

Ҷадвали 1. – Ақидаи муаллифон оид ба самаранокии иқтисодии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди "сабз"

Олимон	Нуқтаи назари муаллифон
Олимони рус	
Сухарев О.С.	Ба қатори объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ пасандозҳои пулиро дохил намудан мумкин аст. «…Субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ фаъолият менамоянд, ки дар он сармоягузориҳо дар амал татбиқ карда мешаванд. Онҳо метавонанд маблағҳоро барои анҷом додани сармоягузории муштарак муттаҳид намоянд» [59, с. 66].
Клученович В.И.	Фаъолияти сармоягузорие, ки тавассути пардохтҳо муайян карда мешавад, ҳамчун ҷараёни пардохтҳо ва хароҷот баррасӣ мегардад. «…Ҳангоми тавсифи мафҳуми «Фаъолияти сармоягузорӣ», ки тавассути молу мулк муайян карда мешавад, тавозуни корхона нуқтаи ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ин, сармоягузорӣ ҳамчун раванди табдил додани сармоя (асосан сармояи пулӣ) ба молу мулки ба таркиби дороиҳои корхона дохилшаванда муайян ва баррасӣ карда мешавад» [39, с. 12].
Одимони хориҷӣ	
Уиллер А.Х.	«…Дар баробари ин, сиёсати нави давлатии сармоя-гузорӣ дар бахши аграрӣ бояд на танҳо ба ноил шудан ба ҳадафи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим — таъмини аҳолии кишвар бо маводи озуқаворию босифат, дастрас ва истеҳсоли ватанӣ равона гардад, балки манфиатҳои сармоягузоронро низ ба назар гирифта, барои афзоиши арзиши сармояи гузошташуда шароит фароҳам оварад» [69, с. 6].
Маркс К.	«…Масъалаи такрористеҳсоли сармоя, манбаъҳои ташаккули сармоягузориҳо ва шартҳои ҷалби онҳо ба иқтисодиёт ба таври васеъ таҳқиқ карда мешавад. Дар рушди назарияи такрористеҳсол саҳми назаррас гузошта шудааст. Дар робита ба муносибатҳои бозорӣ — заминаи назариявӣ ва методологии онҳо» [40, с. 555].
Олимони тоҷик	
Пириев Ҷ.С.	«…Гузариши босуръати иқтисодиёти Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ ва даст кашидани давлат аз танзими раванди сармоягузорӣ, инчунин коҳиш ёфтани ҳаҷми маблағгузории давлатӣ, ки бо он алоқаманд буд, боис гардиданд, ки кишоварзӣ бо давраи тӯлонии истеҳсолӣ, хавфҳои баланд ва даромаднокии пасти худ барои мустақилона ҷалб намудани сармоя дар ҳаҷми зарурӣ қодир набошад» [А-25, с. 22].
Қудратов Р.Р.	«…Ҳангоми сармоягузорӣ омилҳое, ба монанди сармояи ибтидоии номиналӣ ва муҳлати гузоштани маблағ ба раванди сармоягузории мустақим, бояд ба назар гирифта шаванд» [35, с. 35].
Саймуродов Л.Ҳ.	«…Меъёрҳои асосии таъмини самаранокии ҷамъиятӣ бояд хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзиро ба назар гиранд» [62, с. 11].
Садриддинов М.И.	«…Самаранокӣ дар шакли умумӣ аз ҷиҳати миқдорӣ тавассути даромади миллӣ ифода меёбад, ки он хароҷоти ҷамъиятиро инъикос менамояд» [А-14, с. 430].
Ақидаи муаллиф	
Қудратзода Ф.Р.	Барои рушди муваффақонаи ҳар як соҳаи иқтисодиёт такрористеҳсоли саривақтии сармоя тавассути сармоягузориҳои «сабз» зарур мебошад. Фаъолияти сармоягузорӣ омили рушди устувори иқтисодӣ ва воситаи истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ба ҳисоб рафта, барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ замина фароҳам меорад.

Сарчашма: гурӯҳбандии муаллиф.


Баланд бардоштани сатҳи ҳосилхезии заминҳо, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва дигар захираҳо дар шароити рушди сабз вазифаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки ин кишоварзиро аз соҳаҳои истихроҷии иқтисодиёт ба таври куллӣ фарқ мекунонад. Маҳз аз ҳамин сабаб қисми зиёди сармоягузориҳо дар соҳаи аграрӣ ба дороиҳои воқеие рост меояд, ки рушди устувори дарозмуддати соҳаро таъмин менамоянд.

«…Буҳронҳои сершумори иқтисодие, ки дар даҳ соли аввали асри XXI ба амал омаданд, нишон доданд, ки дар тафаккури неоклассикии иқтисодӣ, ки зиёда аз дусад сол рушд мекард, камбудиҳои ҷиддӣ мавҷуданд. Ин мушкилот дар фаъолияти механизми бозорӣ олимонро водор менамоянд, ки моделҳои нави рушди иқтисодиро ҷустуҷӯ намуда, равишҳои анъанавиро ба рушди иқтисодӣ бознигарӣ кунанд» [38, с. 556].

Амалисозии самтҳои зикршуда ҳамчун шарти зарурии ноил шудан ба рушди устувори дарозмуддат ва истифодаи нисбатан оқилонаи иқтидори табиию захиравӣ баррасӣ мегардад.

«…Асосҳои ташаккули консепсияи иқтисодиёти сабз дар доираи консепсияи рушди устувор ҳанӯз дар охири солҳои 80-уми асри гузашта гузошта шуда буданд. Таърифҳои зиёди рушди устувор мавҷуданд, аммо таърифи аз ҳама паҳншуда ва аз ҷониби умум қабулгардида таърифест, ки соли 1987 аз ҷониби комиссияи СММ пешниҳод шудааст: «Рушди устувор» — ин рушдест, ки ниёзҳои насли муосирро таъмин намуда, эҳтиёҷоти ҳаётии наслҳои ояндаро зери хатар намегузорад» [64, с. 11].

Дар адабиёти илмии муосир ва амалияи байналмилалӣ мафҳумҳои «иқтисодиёти сабз», «рушди сабз» ва «рушди камкарбон» бештар паҳн гардидаанд. Сарфи назар аз наздик будани мазмуни онҳо, ҳар яке самтҳои гуногуни дигаргунсозии экологии иқтисодиётро инъикос менамояд.



Расми 1. – Элементҳои иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарчашма: аз ҳисоби муаллиф [А-1, с. 69].

Ҳамин тариқ, консепсияҳои иқтисодиёти «сабз», рушди «сабз» ва рушди камкарбон низоми ягонаи ҳамдигарро мукаммалкунандаеро ташкил медиҳанд, ки равишҳои муосирро ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ инъикос менамояд. Алоқамандии байни онҳо ба таври нақшавӣ дар расми 1 нишон дода шудааст.

Ҳангоми амалисозии модели «сабз»-и рушди иқтисодӣ ва ҳадафҳои он ба коҳиш додани карбонталабии иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои кории муосири сермаҳсул диққати махсус дода мешавад.

Ҳамин тариқ, консепсияи иқтисодиёти «сабз» аз доираи сиёсати танҳо ҳифзи муҳити зист берун баромада, афзалиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушдро муттаҳид менамояд.

Унсурҳои ҷудонопазири консепсияи мазкур принсипҳои масъулияти экологӣ, аз ҷумла механизми «ифлоскунанда пардохт мекунад» мебошанд, ки ҷуброни зарарро аз ҷониби шахсони ба муҳити зист таъсири манфӣ расонанда пешбинӣ менамояд.

Азбаски раванди сармоягузорӣ ва натиҷаи интизоршавандаи сармоягузорӣ (даромад) яксон нестанд. Маҳз хусусияти ҳамкории онҳо самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ва сатҳи ҷолибияти сармоягузории ҳудудро муайян менамояд.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалаҳои самаранокии маблағгузориҳои асосӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ бахшида шудаанд, аз ҷумла корҳои [46], Нишитой А.С. [48], Ендовицкого Д.А. [31], Сухарёв О.С. [59] ташкил доданд.

Маблағгузории сармоягузориҳои ҷумҳурӣ бо иштироки субъектҳои асосии муносибатҳои иқтисодӣ — давлат, бахши соҳибкорӣ ва кормандони кироя, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ва ба даст овардани натиҷаи дахлдори иқтисодӣ манфиатдоранд, амалӣ карда мешавад.

Ҳадафи умумии муттаҳидкунандаи консепсияҳои мазкур таъмини устуворӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва рушди сабзу экологии он мебошад.

Кейс Ҷ.М. дар асари «...Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» қайд менамояд, ки «сармоягузорӣ ҳар гуна афзоиши арзиши молу мулки сармоявиро, новобаста аз он ки молу мулки мазкур аз сармояи асосӣ, гардон ё пардохтпазир иборат аст, дар бар мегирад» [36, с. 264].

Зери мафҳуми иқтисодиёти «сабз» модели рушди иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар он коҳиш додани хавфҳои экологӣ дар баробари баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ вазифаи асосии иқтисодиёти «сабз» ба ҳисоб меравад.

Ба сифати объектҳои идоракунӣ соҳаҳо ва зерсоҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, инчунин лоиҳаҳои сармоягузорие баромад мекунанд, ки амалисозии онҳо дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудро муайян менамояд. Ҳамкории субъектҳо ва объектҳо

дар доираи муҳити ягонаи иқтисодӣ амалӣ мегардад, ки мазмун ва хусусиятҳои идоракунии ҷолибияти сармоягузории минтақаро ташаккул медиҳад.

Ҷамъбасти равишҳои илмии мавҷуда имкон дод, ки сармоягузориҳо аз рӯйи аломатҳои муҳимтарини таснифотӣ ба низом дароварда шаванд, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 2 пешниҳод гардидаанд.

Ҷадвали 2. – Таснифоти сармоягузориҳо аз рӯйи намудҳо

№	Намудҳои сармоягузорӣ	Ҳадафҳои сармоягузорӣ
1	Сармоягузориҳо барои баланд бардоштани истеҳсолот	Таъсиси шароитҳои барои коҳиш додани хароҷоти корхонаи кишоварзӣ аз ҳисоби иваз кардани таҷҳизоти ва омӯзиши кормандон.
2	Сармоягузориҳо барои васеъ намудани истеҳсолот	Васеъ намудани имкониятҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои бозорҳои қаблан ташаккулёфта дар доираи истеҳсолоти мавҷудаи хоҷагӣ.
3	Сармогузориҳо барои ташкили истеҳсолоти нав	Таъмини таъсиси шароит ва имкониятҳо дар хоҷагӣ барои ташкили истеҳсолоти комилан нав, ки ба хоҷагӣ имкон медиҳад маҳсулоти кишоварзии қаблан истеҳсолшударо парвариш кунад ё ба корхона имкон медиҳад, ки бо маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ ба бозорҳои он нав ворид шуданро кӯшиш намояд.
4	Сармоягузориҳо аз ҷиҳати қонеъ гардонидани талати мақомати давлатии идоракунӣ	Ин намуд сармоягузориҳо дар ҳолате заруру мегардад, ки корхонаҳои кишоварзӣ бо зарурати қонеъ гардонидани талаботи мақомот дар қисми стандартҳои экологӣ ва ё дигар шартҳои фаъолият, ки унсурҳои онҳоро танҳо аз ҳисоби такмил додани менеҷмент таъмин кардан имконпазир аст, рӯ ба рӯ мешавад.

Сарчамша: гурӯҳбандии муаллиф [А-1, с. 33].


Таснифи сармоягузориҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ, васеъ намудани истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нав ва идоракунии давлатӣ дар шароити рушди сабз равиши дигарро талаб менамояд.

Тавре ки дар боло қайд гардид, гузоштани сармоягузориҳо ва сохтори онҳо аз омилҳои зиёд вобаста мебошанд. Дар баробари ин, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ маҷмӯи хароҷоти вобаста ба таъсис, харидорӣ, навсозӣ ва такрористеҳсоли дороиҳои дарозмуддати истеҳсолиро фаро мегиранд.

Профессор Пирзода Т. дар асарҳои илмии худ изҳор менамояд, ки «…Сармоягузорӣ — гузоштани дарозмуддати сармоя бо мақсади ба даст овардани фоида мебошад» [52, с. 572].

Принсипҳои масъулияти экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҷузъи ҷудонопазири моделҳои муосири рушди сабз табдил ёфтаанд ва Созмони Милали Муттаҳид консепсияи иқтисодиёти «сабз»-ро ҳамчун яке аз самтҳои асосии амалисозии ҳадафҳои рушди устувор дар асри XXI баррасӣ менамояд.

«…Аввалин ёдоварии расмӣ дар бораи иқтисодиёти «сабз» дар заминаи ЮНЕП (Барномаи СММ оид ба муҳити зист) соли 2012, ҳангоми баргузории Рио+20 - Конфронси СММ оид ба рушди устувор ба амал омад. Дар доираи конфронси мазкур консепсияи иқтисодиёти «сабз» ҳамчун воситаи ноил шудан ба рушди устувор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ пешниҳод гардид. Дар рӯзномаи конфронс инчунин қатъномаи № 64/236 ҷой дошт ки, Маҷмаи Умумӣ чунин мавзуъҳоро, ба монанди иқтисодиёти «сабз» дар доираи рушди устувор, решакан намудани камбизоатӣ ва ҳудудҳои институтсионалии рушди устуворро ба он ворид намуд» [64, с. 8].



Расми 2. – Таснифоти соҳаҳои иқтисоди “сабз”

Сарчашма: гурӯҳбандии муаллиф [А-1, с. 63].

Консепсияи иқтисодиёти «сабз» ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ тавассути баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ва ҳамзамон коҳиш додани хавфҳои экологӣ равона гардидааст. Афзоиши даромад ва сифати зиндагӣ дар модели мазкур аз ҳисоби васеъ намудани сармоягузориҳо ба технологияҳои каммасрафи энергия, сарфакунандаи захираҳо ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар таъмин карда мешавад.

Консепсияи мазкур рушди иқтисодиро ба ҳамбастагии устуворӣ экологӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ равона менамояд. Дар ин робита ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, гузариш ба моделҳои устувори истеҳсол ва истеъмол, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ аҳаммияти афзалиятнок пайдо менамоянд.

Ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии иқтисодиёти «сабз» амалҳои ҳамоҳангшудаи ҳам давлатҳои пешрафта ва ҳам давлатҳои рӯ ба рушдро талаб менамояд. Ин сафарбар намудани захираҳои молиявӣ, пайдарпай пурзӯр кардани талаботи экологӣ, васеъ намудани чораҳои дастгирии давлатии намудҳои фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ масъул, такмили

банақшагирии ҳудудӣ ва ташаккули муҳити муосири институтсионалиро пешбинӣ менамояд.

Ҷорӣ намудани консепсияи иқтисодиёти «сабз» на танҳо бо пайдоиши имкониятҳои нав, балки бо ташаккули маҷмӯи мушкилоти технологӣ, институтсионалӣ ва иқтисодӣ ҳамроҳ мегардад. Рушди минбаъдаи он бо маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқаманд муайян карда мешавад, ки дар байни онҳо технологияҳои инноватсионӣ, такмили механизмҳои танзими давлатӣ, тағйир ёфтани моделҳои рафтори истеъмолкунандагон ва дигаргуншавии стратегияҳои фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти махсус пайдо менамоянд.


Дар баробари сиёсати давлатӣ, дигаргуншавии рафтори истеъмолкунандагон низ ба рушди иқтисодиёти «сабз» таъсири назаррас мерасонад. Афзоиши устувори талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар васеъ гардидани сармоягузориҳои «сабз», ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, истифодаи бандубасти экологӣ ва такмили стратегияҳои корпоративии рушди устуворро ҳавасманд менамояд.

Маҳз ҳамкории ин унсурҳо барои ташаккули модели аз ҷиҳати экологӣ нигаронидашудаи хоҷагидорӣ замина фароҳам меорад. Ҳамзамон, нобаробарии технологии то ҳол боқимонда имкониятҳои давлатҳои алоҳидаро барои ҷорӣ намудани қарорҳои муосири «сабз» ба таври назаррас маҳдуд месозад, сарфи назар аз пешбурди фаъоли онҳо дар амалияи байналмилалӣ ва ҳамгироии тадриҷӣ ба низомҳои миллии идоракунии давлатӣ.

Идоракунии сармоягузориҳо дар сатҳҳои давлатӣ, соҳавӣ ва корпоративӣ ба қатори объектҳои асосии танзими давлатӣ дохил мешавад, ки ин бо аҳаммияти стратегии он барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар вобаста мебошад.

Самтҳои мазкур дар шароити ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фаъолият дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо аҳаммияти махсус пайдо менамоянд. Дар ин робита масъалаҳои такмили механизмҳои танзими давлатии равандҳои сармоягузорӣ ҳам барои таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва ҳам барои рушди устувори бахши аграрии он аҳаммияти усулӣ пайдо мекунанд.

Сармоягузориҳо ба самти мазкур ҳам гузоштани маблағҳоро ба натиҷаҳои моддӣ ва ғайримоддии фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам ба рушди сармояи инсонӣ фаро мегиранд. Ҳамзамон, кишоварзӣ, бар хилофи аксари соҳаҳои иқтисодиёт, бевосита аз ҳолати захираҳои табиӣ вобаста мебошад, ки ин зарурати сармоягузориро на танҳо ба дороиҳои офаридаи инсон, балки ба ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ низ ба миён меорад.



Расми 3. - Танзикунандаҳои асосии бехатарии озуқаворӣ, дар шароити гузариш ба иқтисоди “сабз”
Сарчашма: гурӯҳбандии муаллиф [А-1, с. 34].

Дар қонунгузории миллӣ сармоягузорӣ ҳамчун равона намудани захираҳои пулӣ ба навсозии сармояи асосӣ, захираҳои эҳтиётӣ ва захираҳои моддӣ фаҳмида мешавад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ категорияи мазкур низоми муносибатҳоеро инъикос менамояд, ки байни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар сармоягузорон ташаккул меёбанд.

Ҳамзамон, дар марҳалаи ибтидоӣ мутобиқшавии иқтисодиёти миллӣ ба шароити нав метавонад бо дигаргуниҳои сохторие ҳамроҳ гардад, ки харочоти иловагии ташкилӣ ва молиявиро талаб менамоянд.

Миқёси чунин дигаргуниҳо аз бисёр ҷиҳат бо самаранокии сиёсати дохилии давлатӣ, аз ҷумла танзими соҳаи кишоварзӣ, амалисозии стратегияҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, рушди низоми бонкӣ, навсозии инфрасохтори энергетикӣ, такмили механизмҳои дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани ҳаракатнокии иқтисодии он муайян карда мешавад.

Сатҳи таъминоти иттилоотии ислоҳоти амалишаванда, ки дарки ҷамъиятии ҳадафҳо, мазмун ва натиҷаҳои интизоршавандаи сиёсати иқтисодии давлатро муайян менамояд, низ аҳаммияти назаррас дорад.

Мувофиқи назарияи иқтисодӣ, соҳаи *якум* бо таъмини воситаҳои истеҳсолот машғул мебошад.

Дар айни замон амнияти озуқавории кишварро аз ду мавқеъ баррасӣ намудан мувофиқи мақсад аст:

- имконияти истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ;
- имконияти харидории онҳо.

Ба соҳаи *дуюм* таъминот бо техника, таҷҳизот ва воситаҳои истеҳсолот барои пешбурди истеҳсолоти кишоварзӣ дохил мешавад. Омодасозии кадрҳо, таъминоти иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав ба соҳаи мазкур дохил мешаванд.

Фаъолияти истеҳсолиро дар соҳаи истеҳсолот (соҳаи дуюм) дар амал худи кишоварзӣ бо истифода аз воситаҳо ва захираҳои аз соҳаи якум воридшаванда пеш мебарад.

Соҳаи *сеюм* корхонаҳои саноати коркардро муттаҳид менамояд, ки коркарди ашёи хоми кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри озуқаворӣ, маҳсулоти нимтайёр ва дигар маҳсулоти таъйиноти хӯрокворио амалӣ мекунанд. Маҳз дар марҳалаи мазкур қисми назарраси арзиши иловашудаи КАС ташаккул меёбад.

Соҳаи *чорум* инфрасохтори нақлиётию логистикиро дар бар мегирад, ки интиқоли ашёи хоми кишоварзӣ, маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ ва дигар ҷараёнҳои моддиро байни тамоми ҳалқаҳои КАС таъмин намуда, ба муттасилии раванди истеҳсол ва фурӯш мусоидат менамояд.

Дар бораи соҳаи *панҷум* бояд одилона қайд намуд, ки сармоягузорӣ вобаста ба омилҳои зиёд ба сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ таъсири назаррас мерасонад.

Дар бисёр давлатҳои ҷаҳон масъалаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва таъминоти устувори аҳолӣ бо озуқаворӣ дар доираи иштирок дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҳал карда мешаванд. Яке аз талаботи асосии созишномаҳои СУС маҳдуд намудани ҳаҷми дастгирии мустақими давлатии кишоварзӣ мебошад. Ҳамзамон, қоидаҳои Созмон имконияти расонидани кумаки давлатиро тавассути механизмҳои ба истилоҳ «сабади сабз» пешбинӣ менамоянд.

Дар таҳқиқотҳои иқтисодиёти аграрӣ масъалаи арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо мавқеи махсусро ишғол менамояд. Сарфи назар аз он ки кишоварзӣ мутобиқи қонуниятҳои умумии иқтисодӣ рушд мекунад, фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи мазкур бо таъсири омилҳои сершумори махсусе ҳамроҳ мегардад, ки маҳз ба истеҳсолоти аграрӣ хос мебошанд.

Ташаккули стратегияи самараноки дастгирии давлатии кишоварзӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ. Дар ин робита яке аз вазифаҳои асосии илми иқтисодӣ ва амалияи идоракунии давлатӣ таҳия ва ҷорӣ намудани чунин механизмҳои дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки ба талаботи созишномаҳои СУС оид ба кишоварзӣ пурра ҷавобгӯ буда, ҳамзамон баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва рақобатпазирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд.

Омилҳои манфӣ, баръакс, инҳирофҳои ба вуҷудомадаро пурзӯр намуда, метавонанд боиси халалдор гардидани устувории фаъолияти низоми ҳудудию иқтисодӣ шаванд (расми 4).

Сиёсати давлатии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давоми ду даҳсолаи охир ташаккул ёфтааст, бо тақвияти пайгиронаи ҷузъи сармоягузорӣ дар рушди ҳудудӣ тавсиф мегардад.

Самтҳои афзалиятнок аз коҳиш додани нобаробариҳои байниминтақавӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ камтар рушдёфта, баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори табиӣ ва истеҳсолӣ, рушди сармояи инсонӣ, инчунин таҳкими ҳамкории байниминтақавӣ ва байнисоҳавӣ иборат мебошанд.



Расми 4. – Самтҳои асосии танзими иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзӣ

Сарчашма: гурӯҳбандии муаллиф [А-1, с. 34].

Ҳамин тариқ, чунин воситаҳо, ба монанди «ҳисобҳои сабз», «андозҳои сабз» ва «самтгирии сабз», низоми ба ҳам алоқаманди механизмҳои иқтисодиеро ташаккул медиҳанд, ки гузаришро ба модели устувори рушд дар асоси истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, масъулияти экологӣ ва самараи дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ таъмин менамояд.

Самтгирии сабз маҷмӯи тадбирҳои давлатӣ ва институтсионалиеро ифода менамояд, ки ба навсозии сохтории иқтисодиёт тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба муҳити зист ва ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор равона гардидаанд. Амалисозии стратегияи мазкур ҳамбастагии мутаносиби афзалиятҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро пешбинӣ менамояд.

Муқаррароти дуюме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, аз пешниҳодҳо оид ба ҷанбаҳои методологии кишоварзии органикӣ ва муайян намудани омилҳои асосии рушд дар шароити «сабз» иборат мебошад.

Дар шароити муосир таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва амалисозии стратегияи гузариш ба принсипҳои иқтисодиёти «сабз» бе ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, қарорҳои инноватсионӣ ва механизмҳои маблағгузории «сабз» равона гардидааст, ғайриимкон мебошад.

Маҳз сармоягузориҳои «сабз» ба яке аз воситаҳои асосии навсозии сохтории иқтисодиёт табдил ёфта, ҳамзамон ба даст овардани натиҷаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро таъмин менамоянд.

Ҷамъбасти таҳқиқоти илмии ватанию хориҷӣ, ки ба рушди бозори сармоягузориҳои «сабз» ва ташаккули инфрасохтори дахлдори институтсионалӣ дар шароити рушди устувор бахшида шудаанд, имкон дод, ки самтҳои муҳимтарини таҳқиқоти илмию амалӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус доранд, муайян карда шаванд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки усулҳои мавҷудаи арзёбии ҷолибияти сармоягузории маҷмааҳои ҳудудию соҳавиро метавон ба якчанд гурӯҳи асосӣ муттаҳид намуд. Баъзеи онҳо ба ҷудо намудани омили асосӣ асос ёфтаанд, гурӯҳи дигар арзёбии маҷмӯии маҷмӯи омилҳоро пешбинӣ менамояд, гурӯҳи сеюм низомҳои холгузориро истифода мебарад ва гурӯҳи чорум ба ҳисоби нишондиҳандаҳои интегралӣ асос меёбад.

Ба андешаи олими ватанӣ, профессор Садриддинов М.И., «…Дар баробари усулҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ, дар амалияи ҷаҳонӣ низомҳои таҳлили муқоисавии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ васеъ истифода мешаванд. Аз ҳама маъруфи онҳо таҳқиқоти Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ мебошанд, ки дар тӯли солҳои зиёд гузаронида мешаванд, инчунин шарҳҳои ҳарсолаи таҳлилии Бонки Ҷаҳонӣ» [А-14, с. 430].

Индекси рушди сармояи инсонӣ нишондиҳанда мебошад, ин нишондиҳанда дар амалияи байналмилалӣ васеъ истифода шуда, имкон медиҳад, ки сатҳи рушди захираҳои инсонӣ, ки ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ баррасӣ мешаванд, арзёбӣ карда шавад.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи ғунҷоиши бозори маҳсулоти органикӣ нишон дод, ки истеъмолкунандагони фаъолтарини он оилаҳои фарзанддоре мебошанд, ки даромадашон аз сатҳи миёна баландтар аст. Бо назардошти ин, сиёсати иттилоотӣ ва маркетингӣ бояд ба нишон додани бартариҳои истеъмоли мунтазами маҳсулоти органикӣ барои солимии оила равона карда шавад.

Ба андешаи мутахассиси соҳаи мазкур, олими ватанӣ, профессор Умаров Х.У., «…Таъмини суботи сиёсӣ, амнияти дохилӣ ва хориҷӣ, пешгӯишавандагии ҳолатҳои форс-мажорӣ ва бартараф намудани хавфи мавҷуда шартҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди иқтисодии кишвар ва некуаҳволии иҷтимоии мардум мебошанд» [59, с. 123].

Таҳқиқот имкон дод, ки омилҳои асосии ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ муайян карда шаванд:

- мавқеи мусоиди ҳудудию ҷуғрофӣ;
- сатҳи рушди институтсионалӣ;
- сифати сармояи инсонӣ;
- самаранокии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии амалишаванда;
- сатҳи рушди заминаи моддию техникӣ.

Фаъолияти сармоягузорӣ аз бисёр ҷиҳат ба рушди стратегияи қарздиҳӣ ва ташаккули бахши бонкӣ вобаста мебошад. Дар даврои дигаргунсозии иқтисодиёти Тоҷикистон дар байни ташкилотҳои қарзӣ бонкҳои тиҷоратӣ мавқеи асосиро ишғол намуданд, ки шумораи онҳо дар солҳои аввал босуръат зиёд гардид.

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти сармоягузории иқтисоди хориҷӣ «...тавозуни манфии сармоягузориҳо ташаккул ёфт, ки дар он ҳаҷми хуруҷи онҳо аз воридшавӣ аз хориҷ зиёд гардид.

Ҷанбаи ҳавасмандгардонии рушди сармоягузории «сабз» сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад, зеро маҳз он аз бисёр ҷиҳат на танҳо раванди таҳия, балки самаранокии татбиқи амалии лоиҳаҳои сармоягузории аз ҷиҳати экологӣ нигаронидашударо муайян менамояд» [А-1, с. 66].

Ташаккули арзишҳои нави экологӣ, принсипҳои рушди устувор ва истифодаи масъулонаи захираҳои табиӣ дар ҷомеа ба интихоби самтҳои афзалиятноки фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисодиёти муосири пасосаноатӣ таъсири бевосита мерасонад.

Ҳамзамон, рушди сармоягузориҳои «сабз» бояд дар алоқамандӣ бо равандҳои дигаргунсозии рақамии иқтисодиёт амалӣ гардида, технологияҳои муосири рақамӣ ва қарорҳои ба истифодаи зеҳни сунъӣ асосёфтаро мукаммал намояд, на ин ки бо онҳо мухолифат кунад.

Иқтидори баланди аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин афзоиши устувори талаботи ҷаҳонӣ ба маҳсулоти органикӣ зарурати ташаккули низоми бисёрсатҳаи сертификатсияи истеҳсолоти органикии кишоварзиро ба миён меоранд.

Таъсиси он ба истеҳсолкунандагони ватанӣ имкон медиҳад, ки мутобиқати маҳсулоти истеҳсолшавандаро ба талаботи байналмилалӣ тасдиқ намуда, имкониятҳои содиротиро васеъ намоянд. Ҳамзамон, рушди низоми миллии сертификатсия ба таҳкими эътимоди истеъмолкунандагон ба маҳсулоти органикии ватанӣ мусоидат намуда, рушди бозори дохилиро ҳавасманд мегардонад.

Ҳамзамон, фаъолияти самараноки чунин низом ҳалли як қатор вазифаҳои ташкилӣ ва институтсионалиро талаб менамояд. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи омода намудани мутахассисон ва баланд бардоштани тахассуси хоҷагидороне меравад, ки дар соҳаи зироаткории органикӣ фаъолият менамоянд. Аз худ намудани технологияҳои муосири истеҳсолоти устувори кишоварзӣ имкон медиҳад, ки риояи талаботи байналмилалӣ ба сифат ва бехатарии маҳсулот таъмин карда шавад.

Маҳсулоти органикии ба содирот нигаронидашуда, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад, ҷорӣ намудани механизми ояндадори ташкилию иқтисодиро талаб менамояд.

Дар баробари иқтидори сармоягузорӣ, ҳангоми арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ хавфи сармоягузорӣ низ ба назар гирифта мешавад, ки эҳтимолияти аз даст додани сармояи гузошташуда ва даромади интизоршавандаро тавсиф менамояд.

Ҳангоми арзёбии хавфи сармоягузории ҷумҳурӣ одатан якчанд ҷузъи ба ҳам алоқаманд ба назар гирифта мешаванд:

- устувории ҳокимияти минтақавӣ;
- хавфҳои иқтисодӣ;
- шиддати иҷтимоӣ;
- хавфҳои экологӣ.

Барои муайян намудани рейтинги сармоягузории минтақаҳо методикаи маҷмӯие истифода мешавад, ки усулҳои оморӣ ва экспертиро дар бар мегирад:

- индекси рушди инсонӣ;
- рушди институтсионалӣ;
- сатҳи низоми буҷетӣ;
- сарбории андоз.

Арзёбии интегралии иқтидори сармоягузорӣ дар асоси коэффитсиентҳои миёнавазни экспертӣ, ки аҳаммияти омилҳои алоҳидаро инъикос менамоянд, ташаккул меёбад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои алоҳидаро наметавон ба таври ҷудогона баррасӣ намуд. Хусусиятҳои ҳудудҳои ҳамсоя таъсири назаррас мерасонанд, зеро сармоягузорон на танҳо шароити минтақаи

мушаххас, балки вазъи умумии сармоягузориро дар фазои иқтисодии ҳамшафат низ арзёбӣ менамоянд.

Ҳангоми таҳлили рақобати байниминтақавӣ маҳдуд будани на танҳо захираҳои табиӣ ва истеҳсолӣ, балки талаботи истеъмолӣ, имкониятҳои пешбурди маҳсулот ба бозор ва низоми фурӯши онро низ ба назар гирифтан зарур аст. Тақсимоти меҳнат низ аҳаммияти назаррас дорад, ки ҳамчун заминаи ғайримоддии муносибатҳои рақобатӣ байни минтақаҳо баромад намуда, махсусгардонии соҳавӣ ва мавқеи онҳоро дар фазои иқтисодӣ муайян менамояд.

Азбаски минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи сохтори иқтисодиёт, таъмин будан бо захираҳо ва самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ фарқ мекунанд, бартариҳои рақобатӣ ва имкониятҳои ҷалби сармоягузории онҳо низ ба таври назаррас тафовут доранд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ ташаккули сиёсати маҷмӯии сармоягузорӣ мебошад, ки хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо, сохтори соҳавии иқтисодиёт ва афзалиятҳои стратегии рушди дарозмуддати онҳоро ба назар мегирад. Ба андешаи мо, таҳияи чунин сиёсат бояд аз рӯйи самтҳои асосии зерин амалӣ карда шавад.

Яке аз сабабҳои асосии вазъияти бавуҷудомада самаранокии нокифояи сиёсати давлатии ва минтақавии сармоягузорӣ, инчунин мавҷуд набудани муносибати маҷмӯӣ ба идоракунии равандҳои сармоягузорӣ мебошад.

Дар чунин шароит таҳия ва амалисозии барномаҳои мақсадноке, ки ба дастгирии соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёт, фаъол гардонидани манбаъҳои дохилӣ ва хориҷии маблағгузорӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ барои рушди истеҳсолоти аграрӣ равона шудаанд, аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Амалисозии дигаргуниҳои бозорӣ такмили механизмҳои идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷустуҷӯи равишҳои нави ҷалби сармояро талаб менамояд. Тақвияти нақши минтақаҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва ғайримарказонии пайдарпайи идоракунӣ аҳаммияти танзими ҳудудии равандҳои сармоягузориро ба таври объективӣ баланд мебардоранд, ки ин сиёсати минтақавии сармоягузориро ба яке аз воситаҳои асосии рушди устувор табдил медиҳад.

Ҳолати муосири комплекси агросаноатӣ аз бисёр ҷиҳат ба коҳиш ёфтани сатҳи дастгирии иқтисодии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ вобаста мебошад. Механизми амалкунандаи маблағгузории буҷетӣ асосан ба ҳалли мушкилоти ҷории соҳа равона гардида, бештар хусусияти ҷубронӣ дорад.

Ташаккули стратегияи самараноки рушди сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ бояд пеш аз ҳама ба навсозии инфрасохтори

истеҳсолӣ равона карда шавад. Самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ сохтмон ва рушди объектҳои хизматрасонии техникӣ ва таъмири техникаи кишоварзӣ, таъсиси иқтидорҳои муосир барои нигоҳдории маҳсулот, инчунин рушди шабакаи роҳҳои дохилихоҷагӣ мебошанд.

Ҳалли вазифаҳои зикршуда ҷалби ҳаҷми назарраси маблағгузориҳои асосиро талаб менамояд, зеро маҳз сатҳи таъмин будан бо инфрасохтор аз бисёр ҷиҳат самаранокии фаъолияти истеҳсолоти аграриро муайян мекунад.

Ҳамзамон бо рушди инфрасохтор ташаккули бозори маҳсулоти органикӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон самти мазкур нисбатан нав боқӣ мемонад, аз ин рӯ, низоми ҳамкории байни истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон, ташкилотҳои савдо ва истеъмолкунандагони ниҳоӣ ҳоло дар марҳалаи ташаккул қарор дорад.

Ба таври нокифоя рушд ёфтани механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ васеъшавии истеҳсолотро боздошта, имкониятҳои рушди минбаъдаи соҳаро маҳдуд менамояд.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи равишҳои методологии арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ, фазои сармоягузорӣ ва ташаккули стратегияи рушди сармоягузории бахши аграрӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти «сабз» медиҳад, ки баъзе тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шаванд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки бисёр ширкатҳои хориҷӣ ба амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар маҷмааи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуданро идома медиҳанд. Гузашта аз ин, сармоягузорони алоҳида имконияти васеъ намудани фаъолияти худро баррасӣ мекунанд, ки ин аз боқӣ мондани иқтидори ҷалби минбаъдаи сармояи хориҷӣ шаҳодат медиҳад.

Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ бе ҷорӣ намудани васеи технологияҳои муосир, баланд бардоштани фаъолияти инноватсионӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки ба принсипҳои иқтисодиёти «сабз» ҷавобгӯ мебошад, ғайриимкон аст.

Афзоиши талабот ба маҳсулоти органикии кишоварзӣ зарурати такмили муҳити институтсионалӣ, рушди низоми миллии сертификатсия ва ташаккули механизмҳои самараноки назорати сифатро дар тамоми марҳалаҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ба миён меорад.

Натиҷаҳои бадастомада аз зарурати такмили равишҳои методии амалкунандаи арзёбии фазои сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ бо назардошти талаботи муосири гузариш ба иқтисодиёти «сабз», хусусиятҳои истеҳсолоти аграрӣ ва вазифаҳои рушди устувор шаҳодат медиҳанд.

Муқаррароти сеюме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, аз таҳқиқи самти сармоягузории «сабз» ба таҳияи тавсияҳо оид ба рушди он иборат мебошад

Таҳқиқоти гузаронидашудаи асосҳои назариявии ташаккули иқтидори сармоягузорӣ ва арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки ба таҳлили тамоюлҳои муосири рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарем.

Дар марҳалаи мазкур муайян намудани омилҳое, ки динамикаи равандҳои сармоягузориро муайян мекунанд, арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ ва муайян намудани дурнамои рушди минбаъдаи бахши аграрӣ дар шароити гузариш ба принсипҳои иқтисодиёти «сабз» аҳаммияти махсус пайдо менамоянд.

Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки арзёбии нисбатан воқеъбинонаи сатҳи рушди сармоягузориҳои «сабз»-ро ҳангоми баррасии онҳо дар доираи соҳаҳои алоҳида ё маҷмааҳои соҳавии ба ҳам алоқаманд, ки бо умумияти равандҳои технологӣ, заминаи захиравӣ ва хусусиятҳои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ муттаҳид гардидаанд, ба даст овардан мумкин аст.

Таҳлили сохтори манбаъҳои маблағгузорӣ нишон медиҳад, ки дар ташаккули захираҳои сармоягузорӣ манбаъҳои дохилии сармоя то ҳанӯз нақши пешбарро мебозанд. Ҳиссаи бештар ба сармоягузориҳои давлатӣ рост меояд, ки ҳаҷми онҳо 9 830,5 млн сомонӣ ё 43,6 %-и ҳаҷми умумии маблағгузориҳои асосиро ташкил додааст.

Дар муқоиса бо соли гузашта ҳиссаи онҳо аз 39,5 % то 43,6 % афзоиш ёфтааст, ки ин аз тақвият ёфтани иштироки давлат дар рушди сармоягузории иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад.

Аз рӯйи ҳаҷми маблағгузорӣ бахши хусусӣ мавқеи дуюмро ишғол менамояд, ки соли 2024 сармоягузориҳои хусусӣ ба 8 295,0 млн сомонӣ расида, 36,8 %-и ҳаҷми умумии маблағгузориҳои асосиро таъмин намуданд. Дар муқоиса бо соли 2023 ҳисаи онҳо ба андозаи 8,0 банди фоизӣ афзоиш ёфт, ки ин тақвияти тадриҷии нақши соҳибкории ватаниро дар амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ инъикос менамояд.

Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ 4 318,7 млн сомонӣ ё 19,2 %-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосиро ташкил дод. Ҳамзамон, вазни қиёсии онҳо нисбат ба соли гузашта аз 27,8 % то 19,2 % коҳиш ёфт, ки ин аз кам шудани иштироки сармояи беруна дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад.


Оқибати вазъияти бавуҷудомада коҳиши назарраси фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ гардид. Дар баробари ин, камшавии ҳаҷми сармоягузорӣ хусусияти оммавӣ дошта, қариб тамоми гурӯҳҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро фаро гирифт. Чунин динамика аз бисёр ҷиҳат бо он шарҳ дода мешавад, ки кишоварзӣ нисбат ба аксари соҳаҳои дигари иқтисодиёт дар шароити камтар мусоид ба дигаргуниҳои бозорӣ ворид гардид ва дар натиҷа раванди мутобиқшавӣ ба механизмҳои нави иқтисодӣ хеле сусттар ҷараён гирифт.

Дар баробари тағйир ёфтани сохтори манбаъҳои сармоягузорӣ, дигаргуншавии фондҳои асосии истеҳсолӣ низ ба амал омад. Мувофиқи ҳисобҳои гузаронидашуда, ҳаҷми иқтидорҳои истеҳсолии ба истифода додашуда 12 592,4 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфт, ки аз сатҳи ибтидоӣ тақрибан 3,0 маротиба зиёд мебошад.

Дар натиҷаи ислоҳот самтҳои истифодаи маблағҳои буҷетӣ бознигарӣ карда шуданд: ҳаҷми намудҳои алоҳидаи дотатсияҳо ва пардохтҳои ҷуброни коҳиш ёфта, дастгирии давлатӣ асосан ба самтҳои афзалиятноки рушди бахши аграрӣ, аз ҷумла соҳаи чорводорӣ, равона гардид.

Натиҷаҳои зикршуда дар диаграммаи 1, ки дар асоси маводи диисертатсинӣ замимаи 8 таҳия шудааст, ба таври аёнӣ пешниҳод гардидаанд.

Диаграмма 1. Ба кор даровардани фондҳои асосӣ аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2015-2024).



Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [6, с. 287. 7, с. 296].

Диаграммаи 1 оид ба ба истифода додани фондҳои асосӣ дар буриши соҳавӣ нишон медиҳад, ки соли 2024 вазни қиёсии онҳо нисбат ба даврaҳои гузашта зиёда аз 8,4 % афзоиш ёфтааст. Ин аз тақвияти тадриҷии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмӯъ тамоюли афзоиш дорад.

Аз ин рӯ, ташаккули механизмҳои боэътимоди табдил додани маблағҳои пулии озоди аҳолӣ ба сармоягузориҳои дарозмуддат бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии молиявӣ ва рушди бозори миллии молиявӣ баррасӣ карда шавад.

Маълумоти ҷадвали 3 сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар моҳҳои январ–декабри соли 2024 дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2023 тавсиф менамояд. Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ, ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ ба 22 543,0 млн сомонӣ расидааст, ки ин аз нигоҳ дошта шудани

фаъолияти баланди сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 3. - Сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ аз рӯйи шаклҳои моликият, (%).

Номгӯҳо	Январ - декабр 2024с		Январ - декабр 2023с бо % дар охир
	Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ. млн сомонӣ	Бо фоиз, ҳамагӣ январ - декабр 2024	
Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ	22543,0	100	100
Аз он ҷумла, намудҳои шакалҳои моликият;			
Давлатӣ	9830,5	43,6	39,5
Шахсӣ	8295,0	36,8	28,8
Омехта	98,8	0,4	3,5
Хориҷӣ	4318,7	19,32	27,8

Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [9, с.37]

Ҳамзамон, таҳлили сохтори маблағгузориҳои сармоягузорӣ аз тақвияти тадриҷии нақши сармояи хориҷӣ дар маблағгузории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Дар давраи баррасишаванда вазни қиёсии сармоягузориҳои хориҷӣ зиёда аз 8 % афзоиш ёфтааст, ки ин баланд гардидани ҳавасмандии сармоягузорони хориҷиро ба амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар кишвар инъикос менамояд (ҷадвали 4).

Ҳаҷми маблағгузориҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати давлатии сармоягузорӣ, миқёси дастгирии буҷетии кишоварзӣ ва дараҷаи либерализатсияи муносибатҳои бозорӣ вобаста мебошад. Дигаргуниҳои иқтисодии амалигардида ҳам бо тағйироти назарраси ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ва ҳам механизмҳои пешниҳоди дастгирии молиявӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳамроҳ гардиданд.

Ҷадвали 4. - Маълумот оид ба сармогузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025

(ҳазор. доллори ИМА)

Номгӯҳо	Ҳамагӣ	Аз ҷумла,		Дигар сармоягузориҳо
		Сармоягузориҳои мустақим	Сармоягузории портфелӣ	
Ҳамагӣ сармоягузорӣ,	5073827,8	459094,3	802,1	4613931,3
Аз ҷумла,				
Соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал	7004,6	1906,3	-	5098,3

Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [5, с.14].

Дар баробари манбаъҳои анъанавии маблағгузорӣ, қарзи андозии сармоягузорӣ, ки яке аз воситаҳои дастгирии давлатии фаъолияти

сармоягузорӣ мебошад, аҳаммияти муайян дорад. Татбиқи он бо ба андозсупоранда пешниҳод намудани муҳлати иловагӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ бо шартҳои баргардонидан ва музднокӣ алоқаманд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми пешниҳоди қарзи андозии сармоягузорӣ андозаи он тибқи созишномаи байни андозсупоранда ва мақоми ваколатдори давлатӣ, мутобиқи талаботи қонунгузории амалкунанда, муайян карда мешавад.

Татбиқи амалии механизми мазкур аз бисёр ҷиҳат ба имкониятҳои низоми буҷетӣ вобаста мебошад, зеро пешниҳоди чунин имтиёзҳои андозӣ бо имкониятҳои молиявии буҷети давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ алоқаманд аст.

Дар шароити муосир лизинг дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ нақши торафт назаррасро мебозад, ки он ҳамчун яке аз механизмҳои самараноки навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ баррасӣ мегардад.

Моҳияти иқтисодии лизинг аз фароҳам овардани имконият ба корхонаҳо барои истифодаи таҷҳизоти муосир, мошинҳо, воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳои таъйиноти истеҳсолӣ бе зарурати якбора аз гардиш баровардани захираҳои назарраси молиявӣ иборат мебошад.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур динамикаи ҷалби захираҳои қарзии сармоягузорӣ дар давраи баррасишаванда таҳлил карда мешавад. Дар баробари ин, суръати тағйирёбии ҳаҷми сармояи қарзӣ бо динамикаи захираҳои сармоягузории худии корхона, миқёси фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин тағйирёбии арзиши умумии дороиҳои он муқоиса карда мешавад.

Чунин муносибат имкон медиҳад, ки самаранокии ташаккули захираҳои сармоягузорӣ ба таври маҷмӯӣ арзёбӣ гардида, дараҷаи устувории молиявии корхона муайян карда шавад.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, маҳдуд будани захираҳои сармоягузории худӣ ва дастрасии нокифоя ба маблағгузории дарозмуддат аҳаммияти механизмҳои лизингӣ ба таври назаррас меафзояд. Истифодаи онҳо барои азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳо бе хароҷоти назарраси ибтидоии сармоявӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меорад.

Лизинг махсусан барои ташкилотҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ нақши муҳим дорад, зеро қисми зиёди фондҳои асосии истеҳсолии онҳо бо дараҷаи баланди фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ тавсиф гардида, навсозии босуръатро талаб менамояд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз самаранокии баланди истифодаи бозори коғазҳои қиматнок ҳамчун воситаи сафарбар намудани сармояи сармоягузорӣ ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ байни бахшҳои гуногуни иқтисодиёт шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, рушди бозори фондии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло истифодаи пурраи онро ҳамчун манбаи муҳими маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таъмин намекунад.

Истифодаи захираҳои қарзӣ ҳамчун воситаи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ҳам бартариҳо ва ҳам маҳдудиятҳои муайян дорад. Аз як тараф, ҷалби сармояи қарзӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳангоми нокифоя будани захираҳои молиявии худӣ амалӣ карда шуда, навсозии истеҳсолот суръат бахшида шавад.

Дар ин робита арзиши захираҳои қарзӣ ҳамчун ҳадди ақалли самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ баромад менамояд, зеро даромаднокии тадбирҳои амалишаванда бояд на танҳо хароҷоти хизматрасонии қарзро ҷуброн намояд, балки ба даст овардани натиҷаи иловагии иқтисодиро низ таъмин кунад. Ин дар расми 6 нишон дода шудааст.

Таҳлили гузаронидашуда аз боқӣ мондани тамоюли афзоиши қарздории кредиторӣ корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад, ки ин ба устувории молиявии онҳо таъсири манфӣ расонида, имкониятҳои ҷалби захираҳои иловагии сармоягузориро маҳдуд менамояд (диаграммаи 2, ки мутобиқи диссерататсия замимаи 7).

Диаграммаи 2. - Сохтори соҳавии қарздории кредитӣ корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

(млн. сомонӣ)



Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [6, с. 418. 7, с. 441].

Маълумоти диаграммаи 2 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2015-2024, тибқи маълумоти оморӣ, таҳлили зерини иқтисодиро гузаронидан мумкин аст: сохтори соҳавии қарздории кредитии корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ динамикаи афзоиш дорад. Инчунин тамоюл медиҳад, ки ҳаҷми умумии қарздории кредитӣ дар иқтисодиёт дар маҷмӯъ қариб 7 маротиба афзоиш ёфтааст.

Аз ин рӯ, истифодаи самараноки захираҳои истеҳлокӣ шарти зарурии такрористеҳсоли иқтидори истеҳсолии корхонаҳо ва баланд бардоштани фаъолияти сармоягузории онҳо мебошад.

Дар соли 2024 сохтори қарздорӣ ва ҳиссаи соҳаҳо дар ҳаҷми умумии қарзҳои ҷамъшуда ба таври зерин тақсим шудааст:

- саноат — 6,9 маротиба;
- сохтмон — 10,0 маротиба;
- кишоварзӣ — 5,2 маротиба;

•нақлиёт ва алоқа — 2,2 маротиба;

•дигар соҳаҳо — 11,4 фоиз.

Аз таҳлили дар боло зикршуда метавон хулоса кард, ки дар даҳ соли охир афзоиши нисбатан босуръати сарбории қарзӣ дар саноат ба мушоҳида расида, ҳаҷми умумии қарздорӣ дар ин соҳа зиёда аз 6,9 маротиба афзоиш ёфтааст.


Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳад, ки чунин хулоса бароварда шавад: сиёсати самараноки минтақавии сармоягузорӣ бояд ба низоми ба ҳам алоқаманди ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва воситаҳои танзими давлатӣ асос ёбад. Ба унсурҳои асосии он дохил мешаванд:

•стратегияи сиёсати сармоягузории давлат;

•амалисозии барномаҳои сармоягузорӣ;

•беҳтар намудани муҳити институтсионалӣ ва маблағгузории буҷетии лоиҳаҳои рушди кишоварзӣ.

Диаграммаи 3. - Диаграммаи секторӣ оид ба қаздиҳии бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024.



Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [74].

Қарзҳои додашуда чунинро нишон медиҳад:

- қарзи ба Вазорати молия додашуда — 79 % (630900);
- қарзҳои ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ додашуда — 11,5 % (91641);
- қарзҳои дигар — 9,5 % (76418);
- ҳамагӣ — 798959.

Қарздиҳӣ яке аз манбаъҳои бештар паҳншудаи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ буда, ба се принсипи асосӣ: баргардонӣ, муҳлатнокӣ ва музднокӣ асос меёбад. Истифодаи сармояи қарзӣ пешниҳоди онро барои истифодаи муваққатӣ бо уҳдадории баргардонидан ва пардохти подош дар шакли фоизҳо пешбинӣ менамояд.

Ба андешаи мо, пеш аз ҳама бояд стратегияи минтақавии баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ бо назардошти махсусгардонии фаъолияти хоҷагидорӣ дар минтақа ташаккул дода шавад.

Рушди муосири истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ бо тағйир ёфтани сохтори талабот ба захираҳои меҳнатӣ ҳамроҳ мегардад. Дар баробари мутахассисони самтҳои анъанавии кишоварзӣ, талабот ба кадрҳои касбӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, идоракунӣ, маркетинг, молия, технологияҳои рақамӣ ва менеҷменти сармоягузорӣ торафт меафзояд. Ин бо зарурати баланд бардоштани самаранокии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба шароити муосири хоҷагидорӣ вобаста мебошад.

Ба андешаи мо, такмили таъминоти кадрии КАС бояд дар асоси маҷмӯи чорабиниҳои ба ҳам алоқаманд, ки навсозии заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии самти аграриро дар бар мегиранд, амалӣ карда шавад.

Марҳалаи муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тақвият ёфтани нақши сатҳи минтақавии идоракунӣ дар амалисозии сиёсати сармоягузорӣ тавсиф мегардад. Мақомоти минтақавии ҳокимияти давлатӣ дар ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби маблағгузориҳои иловагӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди ҳудудҳо ва ҳамоҳангсозии амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳои алоҳида ҳарчи фаъолтар иштирок менамоянд.

Омилҳои стратегӣ натиҷаҳои фаъолияти мақсадноки давлат ва мақомоти минтақавии идоракуниро оид ба ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ инъикос менамоянд. Онҳо такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, рушди инфрасохтори сармоягузорӣ, амалисозии барномаҳои дастгирии давлатӣ, баланд бардоштани сифати идоракунӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароитро барои рушди устувори дарозмуддати маҷмааи агросаноатӣ дар бар мегиранд.

Низоми омилҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда бо муносибати маҷмӯӣ ба арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ фарқ мекунад, зеро он ҳам таъмин будани истеҳсолоти аграриро бо захираҳо ва ҳам таъсири қарорҳои стратегии мақомоти идоракунии давлатӣ ба назар мегирад.

Таъсир расонидан ба ҳар яке аз гурӯҳҳои ҷудокардашудаи омилҳо ба таҳкими иқтидори сармоягузорӣ, коҳиш додани хавфҳои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани фаъолияти сармоягузории истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Ҳолати экологии ҳудуд бевосита на танҳо ба натиҷанокии фаъолияти хоҷагидорӣ, балки ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа дар маҷмӯъ таъсир мерасонад. Ҳифзи захираҳои табиӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва об, коҳиш додани сарбории антропогенӣ ва пешгирии таҳдидҳои экологӣ муҳимтарин шартҳои рушди устувори кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ мебошанд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон дод, ки хусусиятҳои минтақавии ҷолибияти сармоягузории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати иқтидори сармоягузории соҳа, сохтори манбаъҳои маблағгузорӣ ва тамоюлҳои асосии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ ба таври маҷмӯӣ арзёбӣ карда шаванд.

Махсусгардонии минтақавии кишоварзӣ на танҳо самтҳои гузоштани сармоя, балки хусусияти хавфҳои сармоягузории ба вуҷудомадаро низ муайян менамояд. Аз ин рӯ, муносибати ягона ба арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ бе назардошти хусусиятҳои фазоӣ имкон намедиҳад, ки имкониятҳои воқеии ҳудудҳои алоҳида ба таври воқеъбинона муайян карда шаванд.

Ҳамзамон, самаранокии истифодаи онҳо на танҳо бо ҳаҷми маблағҳои ҷалбшуда, балки бо арзиши сармоя, муҳлати пешниҳоди он, устувории молиявии корхона ва қобилияти лоиҳаи сармоягузорӣ барои таъмин намудани самараи қобили қабули иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Таҳлили сохтори сармоягузориҳо тақвияти тадриҷии нақши манбаъҳои дохилии сармояро нишон медиҳад. Дар соли 2024 сармоягузориҳои давлатӣ - 43,6 %, сармоягузориҳои хусусӣ - 36,8 %, сармоягузориҳои хориҷӣ - 19,2 % ва сармоягузориҳои муштарак - 0,4 %-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосиро ташкил доданд.

Байни фаъолияти сармоягузорӣ ва натиҷаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ алоқамандии зич муайян карда шуд. Коэффитсиенти корреляция байни динамикаи сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ ва сармоягузориҳои умумӣ ба иқтисодиёт дар солҳои 2015–2024 ба 84,8 % баробар гардид, ки ин вобастагии назарраси соҳаи кишоварзиро аз вазъи умумии макроиқтисодӣ тасдиқ менамояд.

Муқаррароти чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз асоснок намудани сохтори ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо бо назардошти иқтидори минтақаҳои ҷумҳурӣ иборат мебошад.

Дар шароити ташаккули иқтисодиёти «сабз» талабот ба сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба таври назаррас васеъ мегардад. Ҳангоми асосноккунии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ бояд нишондиҳандаҳои анъанавии даромаднокӣ, муҳлати бозпардохт ва маҳсулнокии сармоя ба назар гирифта шаванд.

Ҳамчунин захираталабии истеҳсолот, самаранокии энергетикӣ, таъсир ба захираҳои замин ва об, имкониятҳои коҳиш додани партовҳои истеҳсолӣ ва оқибатҳои экологии амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Ба андешаи мо, рушди сармоягузориҳои «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ ташаккули стратегияи дарозмуддати давлатии сармоягузориро талаб менамояд, ки рушди ҳамоҳангшудаи механизмҳои меъёрию ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии дастгирии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузориро пешбинӣ мекунад.

Ҳавасмандгардонии навсозии технологии истеҳсолот, барқарор намудани якпорчагии такрористеҳсолии маҷмааи агросаноатӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва васеъ намудани имкониятҳои ҷалби пасандозҳои дохилӣ ба гардиши сармоягузорӣ аҳаммияти махсус пайдо менамоянд.

Омӯзиши сармоягузории хориҷӣ нишон дод, ки он ду самт дорад:

- бозори иҷтимоии «сабз»;
- маблағгузории «сабз»-и рушди устувор.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалб ва ҷойгир намудани сармоягузориҳои «сабз» шароити зарурӣ мавҷуд аст. Дар сиёсати «сабз»-и давлати мо ба амалисозии принсипҳои асосии рушди сабз, ки дар Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 муқаррар шудаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Бо назардошти таҳияи Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 барномаҳои дахлдори соҳавӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд, ки дар онҳо маблағгузории ҳарсолаи иқтисодиёти «сабз» аз ҳисоби тамоми манбаъҳо (буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ) амалӣ мегардад. Ин ба рушди тадриҷии бахшҳои зикршуда мусоидат хоҳад кард.

Дастрасӣ ба бозорҳои вомбаргҳои «сабз» ва вомбаргҳои иқлимӣ барои ҷалби маблағҳои сармоягузории «сабз» ба Тоҷикистон муҳим мебошад ва дар ояндаи наздик чунин сармоягузориҳо барои дастгирии Ҳукумат ва ҷонибҳои манфиатдор дар амалисозии маҷмӯи лоиҳаҳои «сабз» пешниҳод карда мешаванд [3].


Дар адабиёти муосири иқтисодӣ нисбат ба муайян намудани категорияи «сармоягузорӣ» ва мафҳумҳои ба он алоқаманд равишҳои зиёд мавҷуданд. Сарфи назар аз тафовут дар шарҳу тафсирҳо, аксари муҳаққиқон сармоягузориро ҳамчун категорияи мураккаби иқтисодӣ баррасӣ менамоянд, ки ҷанбаҳои иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоӣ ва экологии раванди сармоягузориро муттаҳид мекунад. Ҳамзамон, баъзе таърифҳо нисбатан мураккабу калонҳаҷм боқӣ мемонанд, ки ин истифодаи амалӣ ва дарки онҳоро душвор мегардонад.

Дар натиҷа, дар ҷумҳурӣ давраи тӯлонии маблағгузории нокифоя ба вуҷуд омад, ки ин ба суръати навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ, пеш аз ҳама дар бахши аграрӣ, таъсири манфӣ расонид.

Дастгирии давлатӣ дар марҳалаи ибтидоии рушди кишоварзии органикӣ барои васеъ намудани фаъолияти сармоягузорӣ аҳаммияти муҳим дорад. Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, маблағҳои грантӣ ва дигар шаклҳои кумаки давлатӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти ибтидоиро ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои органикӣ коҳиш диҳанд. Минбаъд имконияти ворид шудан ба бозорҳои хориҷӣ, ки дар онҳо талабот ба маҳсулоти аз ҷиҳати

экологӣ тоза устуворона баланд боқӣ мемонад, ба омили иловагии ҳавасмандгардонӣ табдил меёбад.

Диаграммаи 4. Ҳаҷми умумии сармоягузии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон




Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [72].

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти «сабз» рушди истеҳсолоти органикӣ ва васеъ намудани иқтидори содиротии маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Ба намудҳои асосии чунин маҳсулот зироатҳои ғалладона, маҳсулоти меваю сабзавот, ангур ва пахта дохил мешаванд.

Сиёсати андоз низ нақши муҳим мебозад, ки қонунгузории амалкунандаи андоз бояд барои сармоягузороне, ки сармояро ба рушди маҷмааи агросаноатӣ равона менамоянд, ҳавасмандиҳои иловагиро пешбинӣ кунад. Ҳамзамон, низоми андоз бояд бо устуворӣ, фаҳмо будан ва татбиқи якхела фарқ намояд. Андозаи сарбории андоз бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок ва расмиёти назорати андоз шаффофу воқеъбинона бошанд.

Намуди қарзҳои кредети ва лизингӣ молиявӣ бо мақсад равона кардани самроягузории сабз (Расми 5.)



Расми 5. Сохтори кредитии манбаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Сарчашма: гурӯҳбандии муаллиф [А-1, С-34].

Ҷараёни асосии сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ барои коркарди шир ва гӯшт равона карда мешавад. Дар солҳои охир маблағгузорӣ барои сохтмони иншооти тайёр намудани хӯроки чорво афзоиш ёфтааст.

Барои таъмини самаранокии сармоягузориҳо ва ҳифзи қарзгирандагон дар ҷумҳурӣ чораҳои зерини кафолатӣ ҷорӣ карда шудаанд:

- кафолати Бонки миллии Тоҷикистон;
- ҳаракати озоди сармоя;
- ҳавасмандгардонии сармоягузорон.


Дар шароити муосир саҳомигардонӣ на танҳо ҳамчун механизми сафарбар намудани сармоя, балки ҳамчун воситаи такмили идоракунии корпоративӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ низ баррасӣ карда мешавад.

Дар натиҷа ҷумҳури давраи тӯлонии нокифоягии маблағгузорӣ ва вуҷуд омад, ки ин ба суръати навшавии фондҳои асосии истеҳсолӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ расонд.

Пас аз буҳрони молиявии соли 1998 дар маҷмааи агросаноатӣ тадриҷан тағйироти мусбат ба назар расиданд. Яке аз натиҷаҳои назаррас васеъ гардидани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ буд, ки ба коҳиш ёфтани вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти озуқаворию воридотӣ ва таҳкими раванди воридотивазкунӣ мусоидат намуд.

Ба андешаи мо, рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда дар маҷмааи агросаноатӣ самти ояндадортарини ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад. Пас аз қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ, васеъшавии минбаъдаи истеҳсолот аз бисёр ҷиҳат ба ворид шудани корхонаҳои ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ вобаста аст.

Диаграммаи 5. - Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар давлатҳо барои солҳои 2024-2025



Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [72].

Сарфи назар аз фаъолшавии муайяни фаъолияти сармоягузорӣ, ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

нисбатан кам боқӣ мемонад. Дар баробари ин, танҳо қариб чоряки сармоягузориҳои хориҷии ҷалбшаванда бевосита ба соҳаи кишоварзӣ равона карда мешавад, дар ҳоле ки қисми асосии онҳо ба саноати коркард ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт рост меояд. Ҳамзамон, сохтори истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар дохили бахши аграрӣ низ тағйир меёбад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки стратегияи амалкунандаи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои иқтисодиёти «сабз» ҳоло асосан ба рушди заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва таъсиси ниҳодҳои дахлдор равона шудааст. Ҳамзамон, механизмҳои дастгирии мустақими давлатӣ дар марҳалаи ташаккул қарор дошта, ҳанӯз сатҳи зарурии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузориро таъмин намекунанд.

Муқаррароти панҷуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз пешниҳод намудани самтҳои асосии гузоштани сармоягузориҳои «сабз» ба соҳаи кишоварзӣ иборат мебошад.

Ҳамин тавр, агар дар соли 2025 ҳиссаи сармоягузориҳои аз Чин воридшуда 57,7%-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2024 нишондиҳандаи мазкур ба 26,1% баробар буд.

Яке аз воситаҳои самараноки фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузорӣ низоми давлатии кафолатҳо мебошад. Қонунгузорӣ бояд ҳифзи боэътимоди сармоягузоронро аз хавфҳои сиёсӣ ва дигар хавфҳои ғайритиҷоратӣ пешбинӣ намояд, зеро маҳз сатҳи ҳифзи сармоя аз бисёр ҷиҳат қарорҳои сармоягузории ширкатҳои хориҷиро муайян мекунад.

Дар соли 2024 дар кишвар бо истифода аз усулҳои муосири ба принсипҳои иқтисодиёти «сабз» асосёфта 14 фермаи чорводорӣ ва 22 корхонаи парандапарварӣ таъсис дода шуданд [3, с. 82].

Ин махсусан ба истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ, ширӣ ва дигар маҳсулоти дорои дараҷаи баланди коркард дахл дорад, ки дар он навсозии истеҳсолот маблағгузориҳои назарраси асосӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосирро талаб менамояд.


Ин имкон медиҳад, ки содироти маҳсулот афзоиш дода шуда, сифати он мутобиқи талаботи байналмилалӣ баланд бардошта шавад ва барои гузоштани сармояи хориҷӣ ба КАС ҳавасмандии иловагӣ фароҳам оварда шавад.

Яке аз сабабҳое, ки зарурати ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро ба маҷмааи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоранд, на танҳо маҳдуд будани захираҳои молиявии дохилӣ, балки ақибмонии технологии то ҳол боқимондаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва коркард низ мебошад.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза (органикӣ) дар кишвар бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моддаҳои кимиёвӣ ва ҳифзи растаниҳо», муқаррароти Конвенсияи Стокголм оид

ба маҳдуд намудани истифодаи 12 моддаи кимиёвӣ ва 11 регламенти техникӣ танзим карда мешавад.

Диаграммаи 6. - Сохтори сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар давлатҳо.



Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [72].

Ба андешаи мо, рушди минбаъдаи кишоварзии органикиро танҳо бо такмили қонунгузорӣ маҳдуд намудан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, васеъ намудани механизмҳои молиявии дастгирии давлатӣ, ҷорӣ намудани барномаҳои мақсадноки субсидиядиҳӣ, рушди қарздиҳии имтиёзнок ва фароҳам овардани ҳавасмандии иқтисодӣ зарур мебошад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ташаккули захираҳои сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҷмӯи пурраи шароитҳои истеҳсолӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ ва институтсионалӣ алоқаманд мебошад. Норасоии маблағҳои худӣ, дастрасии маҳдуд ба захираҳои қарзӣ, фарсудашавии қисми заминаи моддию техникӣ ва хусусияти мавсимии истеҳсолот имкониятҳои корхонаҳои кишоварзиро барои навсозии зарурии фондҳои асосӣ ҳамоно маҳдуд месозанд.

Муқаррароти шашуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз асоснок намудан ва таҳияи харитаи роҳ оид ба ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ дар шароити рушди иқтисодиёти «сабз» иборат мебошад.

Дар баробари ин, танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Нақши он махсусан дар шароити гузариш ба иқтисодиёти «сабз» меафзояд, зеро ҷорӣ намудани технологияҳои нав хароҷоти ибтидоиро талаб менамояд, ки на ҳамаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ метавонанд онро мустақилона маблағгузорӣ кунанд. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки усулҳои анъанавии ташкили истеҳсолоти аграрӣ тадриҷан бо технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, экологӣ ва дигар технологияҳои нисбатан устувор пурра карда мешаванд.

Дар шароити гузариш ба рушди «сабз» хоҷагиҳои хурд аксар вақт барои мустақилона пеш бурдани сиёсати маркетингӣ ва ворид шудан ба бозори хориҷӣ маблағ ва таҷрибаи кофӣ доранд. Дар натиҷа, ҳатто ҳангоми мавҷуд будани маҳсулоти босифат истеҳсолкунанда метавонад дар фурӯши он ба мушкилот дучор шавад.

Ҳамзамон, бозори дохилии маҳсулоти органикиро низ рушд додан зарур аст. Асосан ба содирот нигаронида шудан имкон намедиҳад, ки дар дохили кишвар талаботи устувор пурра ташаккул дода шавад.

Дар шароити ташаккули иқтисодиёти «сабз» ҳамбастагии дастгирии давлатӣ бо васеъ намудани маблағгузории ғайрибуҷетӣ, рушди истеҳсолоти органикӣ, ташаккули талаботи дохилӣ, ворид шудани истеҳсолкунандагон ба бозорҳои хориҷӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои устувор пешбинӣ мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди самти мазкур дорои имкониятҳои муайяни табиӣ ва истеҳсолӣ мебошад. Мавҷудияти захираҳои замин ва об, гуногунии табиию иқлимии минтақаҳои алоҳида, анъанаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва имконияти аз худ намудани технологияҳои нав барои васеъ намудани сармоягузории «сабз» замина фароҳам меоранд.

Маҳз маҷмӯи ин шароит метавонад хавфҳои сармоягузориро коҳиш дода, ҳавасмандии сармоягузоронро ба гузоштани дарозмуддати сармоя ба соҳаи аграрӣ баланд бардорад.

Нишондиҳандаҳои пешгӯии лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ оид ба миқёси маблағгузории сармоягузорӣ тасаввуроти муайян медиҳанд. Дар соли 2026 ҳаҷми маблағгузории онҳо аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо ба андозаи 13 403,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ - 6 311,6 млн сомонӣ, ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, 154,4 млн сомониро ташкил медиҳад. Сохтори нишондиҳандаҳои дахлдор ба таври муфассал дар ҷадвали 5 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 5. – Азхудкунии қисми асосии маблағҳо дар лоиҳаҳои сармоягузории сабзи калонҳаҷм дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

(млн. сомонӣ)

№	Номгӯи барномаҳои сармоягузории давлатӣ	Арзиш
1	Лоиҳаи “навсозии системаҳои обёрӣ ва устуворӣ ба тағирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ дар хавзаи дарёи Вахш”	95765,3
2	Лоиҳаи “Баланд бардоштани устувории соҳаи кишоварзӣ”	194666,7
3	Лоиҳаи “Такмили устувори идоракунии захираҳои обӣ ва обёрӣ дар Тоҷикистон”	169808,8
4	Лоиҳаи миллии идоракунии хавҳои офатҳои табиӣ	101838,3
5	Лоиҳаи “Миллати солим дар Тоҷикистон”	268515,0
6	Лоиҳаи таъмини устуворӣ ладшафтҳо ва воситаҳои зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоқикистон	129633,6
7	Лоиҳаи “Обтаъминкунӣ ва санитария дар маҳалаҳои деҳот”	147167,8

Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [76, с. 34,35].

Яке аз самтҳои ояндадори рушди кишоварзии ҷумҳурӣ метавонад таъсиси технопаркҳо гардад, ки дар заминаи онҳо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бартариҳои муайяни иқтисодӣ ва технологӣ ба даст оварда метавонанд. Чунин шакли ташкил имкон медиҳад, ки инфрасохтори истеҳсолӣ, технологияҳои муосир, хизматрасониҳои машваратӣ ва дигар имкониятҳои барои соҳибкорон зарур муттаҳид карда шаванд. Ҳамзамон, таҳияи низоми имтиёзҳои иқтисодӣ барои иштирокчиёни технопаркҳо аҳаммияти махсус дорад, ки метавонад ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ва сармоягузоронро ба амалисозии лоиҳаҳои нав баланд бардорад.

Рушд ва навсозии технологии маҷмааи агросаноатӣ на танҳо бо натиҷаҳои иқтисодӣ, балки бо оқибатҳои муайяни экологӣ ва иҷтимоӣ низ ҳамроҳ мегарданд. Афзоиши истеҳсол ва истеъмол сарбориро ба захираҳои табиӣ зиёд менамояд, аз ин рӯ, солҳои охир ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад, ки маҳсулоти озуқаворӣ чӣ гуна истеҳсол мегардад ва истеҳсоли он то кадом андоза ба талаботи бехатарии экологӣ ҷавобгӯ мебошад.

Зарурати чунин муносибат бо он алоқаманд аст, ки истеҳсолоти кишоварзӣ дар бисёр кишварҳо объекти шаклҳои гуногуни дастгирии давлатӣ мебошад. Ин на бо мавҷуд набудани имконияти ба даст овардани фоида дар соҳа, балки бо хавфҳои баланди истеҳсолӣ, мавсимият, вобастагӣ аз шароити табиӣ ва аҳаммияти стратегии истеҳсоли маводи озуқаворӣ шарҳ дода мешавад.

Тибқи маълумоти омори давлатӣ, дар соли 2024 ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, ки барои рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, бо нархҳои воқеан амалкунанда

(бе ААИ) 4,4 млрд сомонӣ ё 3,1%-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии кишварро ташкил додааст.

Нишондиҳандаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки таъминнокии сармоягузории соҳа нисбат ба миқёси вазифаҳои навсозии иқтидори истеҳсолии он ҳамоно маҳдуд боқӣ мемонад.

Дар сохтори манбаъҳои маблағгузорӣ қисми назарраси захираҳои сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои худӣ ташаккул меёбад. Вазни қиёсии онҳо аз чор се ҳиссаи ҳаҷми умумии сармоягузориҳои соҳа зиёд мебошад. Дар байни захираҳои ҷалбшуда маблағҳои буҷетӣ мавқеи назаррас доранд, зимнан, тибқи маълумоти овардашуда, зиёда аз 50%-и маблағгузории дахлдор ба маблағҳои буҷетҳои субъектҳои ҷумҳурӣ рост меояд.

Барои муқоиса, дар соли охир ҳиссаи маблағҳои худии корхонаҳо ва ташкилотҳо 56,3%-ро ташкил додааст, ки ин тағйироти назарраси сохтори маблағгузории асосиро дар давраи баррасишаванда нишон медиҳад.

Ҳамзамон, захираҳои сармоягузории мавҷуда ҳоло ҳам навсозии зарурии иқтидорҳои истеҳсолиро пурра таъмин намекунанд. Ба истифода додани объектҳои нав, васеъ намудан ва таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда нисбат ба талаботи ташкилотҳои кишоварзӣ дар миқёси нокифоя амалӣ карда шуданд.

Маҳдуд будани ҳам маблағҳои молиявии худӣ ва ҳам маблағҳои ҷалбшуда раванди таҷдиди фондҳои асосӣ ва сари вақт иваз намудани техникаи аз ҷиҳати ҷисмонӣ фарсударо бозмедорад.

Ба андешаи мо, сармоягузориҳо бояд на танҳо барои навсозии техника ва таҷҳизот, балки барои рушди низомҳои обёрӣ, нигоҳдорӣ, боркашонӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ низ равона карда шаванд. Маҳз мавҷудияти инфрасохтори муосир барои васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва истеҳсолӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Масъалаҳои мазкур дар шароити рушди кишоварзии органикӣ аҳаммияти махсус пайдо менамоянд. Истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза риояи стандартҳои муқарраршударо дар тамоми марҳалаҳои муомилоти он — аз парвариш то нигоҳдорӣ, боркашонӣ ва фурӯш талаб менамояд. Дар ин робита зарурати ташаккули инфрасохтори муосири логистикӣ, аз ҷумла истифодаи нақлиёти сертификатсияшуда ва анборҳои махсусгардонидашуда ба миён меояд.

Ба андешаи мо, яке аз самтҳои ояндадор таъсиси марказҳои минтақавии пешбурди маҳсулоти органикии Тоҷикистон мебошад. Чунин марказҳо метавонанд на танҳо нигоҳдорӣ ва логистикаи маҳсулотро таъмин намоянд, балки ба сертификатсияи он, пешбурдаш дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин рушди иқтидори содиротии кишвар мусоидат кунанд.

Дар васеъ намудани сармоягузориҳои «сабз» дастгирии давлатӣ бояд нақши муҳим дошта бошад. Амалисозии барномаҳои махсуси маблағгузорӣ, пешниҳоди грантҳо ва субсидияҳо метавонанд ҳавасмандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаро ба ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар ба таври назаррас баланд бардоранд. Ҳамзамон, шартҳои гирифтани дастгирии давлатӣ бояд то ҳадди имкон дастрас бошанд ва хусусиятҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузориро дар деҳот ба назар гиранд.

Ба андешаи мо, рушди минбаъдаи сармоягузории «сабз» бояд дар доираи модели ягонаи дарозмуддати танзими давлатӣ амалӣ карда шавад. Чунин модел бояд механизмҳои дастгирии мақсадноки давлатӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, рушди низоми хариди давлатӣ ва такмили заминаи меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи кишоварзии органикӣ муттаҳид намояд.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа муайян намудани самтҳои маблағгузории мақсаднок мебошад. Барои ин ташаккул додани заминаи боэътимоди иттилоотие зарур аст, ки ба ҳисоб гирифтани истеҳсолкунандагони маҳсулоти органикӣ ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти онҳоро имконпазир гардонад. Ба андешаи мо, бе таъсиси феҳристи ягонаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти органикӣ тақсимоти самараноки маблағҳои давлатӣ ва назорати истифодаи захираҳои сармоягузориро таъмин намудан ғайриимкон аст.

Қарорҳои муосири рақамӣ, ки ба истифодаи зеҳни сунъӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунӣ ва таҳлили маълумот асос ёфтаанд, имкон медиҳанд, ки самаранокии истеҳсолоти аграрӣ баланд бардошта шуда, захираҳои замин ва об оқилона истифода гарданд, хароҷоти истеҳсолӣ коҳиш дода шавад ва рушди устувори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардад.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ бояд такмили низоми хариди давлатӣ бо назардошти принсипҳои иқтисодиёти «сабз» бошад. Ба андешаи мо, ҳангоми интихоби таъминкунандагон хусусиятҳои экологии маҳсулоти истеҳсолшаванда, риояи талаботи истеҳсолоти устувор ва мавҷудияти сертификатсияи дахлдорро васеътар ба назар гирифтан мувофиқи мақсад аст. Муассисаҳои давлатӣ метавонанд ҳамчун яке аз истеъмолкунандагони асосии маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза баромад намуда, бо ҳамин роҳ талаботи иловагӣ ба вуҷуд оранд ва рушди истеҳсолоти ватаниро ҳавасманд гардонанд.

Ҳамин тариқ, самти асосии рушди «сабз» дар маҷмааи агросаноатии ҷумҳурӣ ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Истифодаи маҷмӯии ин воситаҳо имкон медиҳад, ки дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба захираҳои молиявӣ васеъ гардида, фаъолияти сармоягузорӣ баланд бардошта шавад ва барои рушди устувори дарозмуддати бахши аграрӣ шароит фароҳам оварда шавад.

Ба андешаи мо, рушди истеҳсоли маҳсулоти органикии тоза самти асосии гузариш ба иқтисодиёти «сабз» буда, стратегияи рушди «сабз»-и соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Амалисозии самти мазкур имкон медиҳад, ки як қатор вазифаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ҳал карда шаванд. Пеш аз ҳама, аз ҳисоби васеъ намудани истеҳсолоти худӣ тадриҷан коҳиш ёфтани вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти органикии воридотӣ пешбинӣ мегардад. Ҳамзамон, барои зиёд намудани навъ ва ҳаҷми содироти маҳсулоти органикии ватанӣ, таҳкими мавқеи истеҳсолкунандагони миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин ташаккули бренди шинохташавандаи маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи Тоҷикистон замина фароҳам оварда мешавад.

Натиҷаҳои на камтар муҳим ин коҳиш додани таъсири манфии истеҳсолоти кишоварзӣ ба муҳити зист, кам намудани равандҳои эрозия ва таназзули хок, баланд бардоштани ҳосилхезии он аз ҳисоби маҳдуд кардани истифодаи маводи кимиёвии манъшуда, инчунин истеҳсоли маҳсулоти нисбатан бехатар мебошанд. Ҳамаи ин ба таҳкими амнияти озуқавории кишвар ва ташаккули муносибати масъулиятноки аҳолӣ ба масъалаҳои сифати ғизо ва ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд.

Солҳои охир бозори маҳсулоти органикии Ҷумҳурии Мардумии Чин барои истеҳсолкунандагони ватанӣ таваҷҷуҳи торафт бештар пайдо менамояд. Сарфи назар аз ғунҷоиши назарраси бозори мазкур, имкониятҳои он ҳоло ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Маълум аст, ки Чин ҳаҷми зиёди ашёи хоми органикиро ворид намуда, коркарди минбаъдаи онро амалӣ мекунад ва сипас маҳсулоти тайёрро ба бозорҳои Аврупо интиқол медиҳад.

Тавре ки дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, самаранокии истифодаи фондҳои асосии истеҳсолӣ аз бисёр ҷиҳат бо сатҳи таъмин будани онҳо бо захираҳои зарурии гардон муайян карда мешавад. Ҳамзамон, афзоиши ҳаҷми маблағҳои гардон бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок бошад, зеро ҷамъшавии аз ҳад зиёди онҳо на ҳамеша бо баланд гардидани самаранокии истеҳсолот ҳамроҳ мегардад. Ҳангоми мавҷуд набудани таносуби оқилона қисми захираҳои моддӣ беистифода мемонад, ки ин натиҷанокии умумии истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаро коҳиш медиҳад.

Таҳқиқи самтҳои истифодаи маблағгузориҳои асосӣ дар ташкилотҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки қисми назарраси захираҳои сармоягузорӣ ба таври анъанавӣ барои сохтмон ва таҷдиди объектҳои таъйиноти истеҳсолӣ сарф гардидааст.

Дар ин робита, ба андешаи мо, ҳангоми муайян намудани афзалиятҳои сиёсати сармоягузорӣ ба навсозии қисми фаъоли фондҳои асосии истеҳсолӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан мувофиқи мақсад аст. Чунин муносибат ба истифодаи самараноки захираҳои сармоягузорӣ мусоидат намуда, навсозии технологии истеҳсолоти кишоварзиро суръат

мебахшад ва боздеҳи бештарро аз маблағгузориҳои асосӣ таъмин менамояд.

Ба қисми фаъоли фондҳои истеҳсолӣ мошинҳо, таҷҳизоти технологӣ, воситаҳои нақлиёт ва чорвои маҳсулдеҳ дохил мешаванд, ки бевосита дар раванди истеҳсолот иштирок намуда, натиҷаи ниҳоии фаъолияти хоҷагидориро ташаккул медиҳанд. Бар хилофи онҳо, биноҳо ва иншоот асосан вазифаи таъминкунандаро иҷро карда, барои амалӣ намудани раванди истеҳсолот шароити зарурӣ фароҳам меоранд, аммо таъсири онҳо ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот хеле камтар зоҳир мегардад.

Бехатарии озуқаворӣ дар доираи тамоми маҷмааи агросаноатӣ ташаккул меёбад, ки дар он кишоварзӣ бо коркард, нигоҳдорӣ, боркашонӣ ва фурӯши маҳсулот, таъминоти моддию техникӣ ва рушди деҳот алоқаманд мебошад.

Ҳамзамон, давлат низ барои маблағгузории вазифаҳои худ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, соҳаи иҷтимоӣ, инфрасохтор, илм ва дигар самтҳои дорои аҳаммияти ҷамъиятӣ ба даромадҳои устувор ниёз дорад. Яке аз манбаъҳои асосии ташаккули чунин даромадҳо воридоти андозии корхонаҳо ва аҳолӣ мебошад.

Аз ин рӯ, масъала на дар коҳиш ё баланд бардоштани одии андозҳо, балки дар муайян намудани чунин сатҳи сарбории андоз аст, ки дар он ҳамзамон даромади буҷет таъмин гардида, имкониятҳои иқтисодии истеҳсолкунандагон нигоҳ дошта шаванд.

Азбаски иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои иқтисоди бозоргонӣ рушд менамояд, нақши давлат набояд танҳо бо дахолати мустақим ба фаъолияти хоҷагидорӣ маҳдуд гардад. Вазифаи асосии он аз фароҳам овардани шароит барои фаъолияти муътадили механизмҳои бозорӣ ва танзими он самтҳое иборат мебошад, ки дар онҳо бозор мустақилона натиҷаи заруриро таъмин карда наметавонад.

Дар соҳаи кишоварзӣ ба чунин самтҳо таъмини бехатарии озуқаворӣ, дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди босифати иқтисодии истеҳсолоти аграрӣ дохил мешаванд.

Яке аз воситаҳои муҳими чунин танзим сиёсати андоз мебошад. Дигаргуниҳои андозие, ки дар кишвар амалӣ карда шуданд, аз ҷумла ба коҳиш додани сарборӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва фароҳам овардани шароити нисбатан мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ равона гардида буданд. Пешбинӣ мешуд, ки паст кардани меъёрҳои алоҳидаи андоз ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки қисми бештари фоидаи бадастомадаро дар ихтиёри худ нигоҳ дошта, онро барои рушди истеҳсолот ва ҳадафҳои сармоягузорӣ равона намоянд.

Аммо танҳо андозаи меъёрҳои андоз ҳанӯз сатҳи фаъолияти сармоягузориро муайян намекунад. Амалия нишон медиҳад, ки байни коҳиш додани сарборӣ андоз ва афзоиши маблағгузорӣ ба истеҳсолоти

воқеӣ вобастагии худкор вуҷуд надорад. Маблағҳои молиявии озодшуда метавонанд на танҳо барои васеъ намудани истеҳсолот, балки барои ҳадафҳои дигар низ равона карда шаванд.

Якум, самаранокии маблағгузориҳои асосӣ на танҳо бо ҳаҷми умумии онҳо, балки бо самтҳои истифодаашон низ муайян карда мешавад. Барои соҳа риоя намудани таносуби маблағгузорӣ байни соҳаҳо аҳаммияти бештар дорад.

Вайрон гардидани ин таносубҳо боис мегардад, ки ҳатто ҳангоми афзоиши сармоягузорӣ самараи интизоршаванда аз сармояи гузошташуда ба даст наояд.

Дуюм, сиёсати сармоягузорӣ бояд ҳолати инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоии деҳотро ба назар гирад. Таъмин будан бо техника, объектҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулот, инфрасохтори нақлиётӣ ва обӣ ба истифодаи иқтидори истеҳсолии хоҷагиҳо бевосита таъсир мерасонад. Ҳамзамон, ҳолати инфрасохтори иҷтимоӣ барои нигоҳ доштани захираҳои меҳнатӣ, махсусан кормандони соҳибихтисос, дар деҳот аҳаммият дорад.

Сеюм, дар шароити муосир талабот ба худи хусусияти сармоягузорӣ низ тадриҷан тағйир меёбад. Ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти «сабз» маблағгузориҳо бояд на танҳо барои афзоиш додани иқтидорҳои истеҳсолӣ, балки барои сарфаи об ва энергия, ҳифзи ҳосилхезии хок, истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, рушди истеҳсолоти органикӣ, коркард ва инфрасохтори дахлдор равона карда шаванд. Аз ин рӯ, натиҷанокии иқтисодӣ ва экологии сармоягузориҳо бояд дар алоқамандии мутақобил баррасӣ карда шавад.

Чорум, яке аз манбаъҳои асосии худии такрористеҳсоли васеи корхонаҳои кишоварзӣ ҳамоно фоида мебошад. Аммо имкониятҳои андӯхти он бо хусусиятҳои соҳа маҳдуд мегарданд: гардиши сусти сармоя, мавсимияти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, нобаробарии хароҷот дар давоми сол, зарурати нигоҳдории маҳсулоти зудвайроншаванда ва вобастагии натиҷаҳои ниҳоӣ аз шароити табиию иқлимӣ. Аз ҳамин сабаб кишоварзӣ ба истифодаи захираҳои молиявии ҷалбшуда ба таври объективӣ ниёз дорад.

Панҷум, механизми мавҷудаи молиявию қарзӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ ба такмили минбаъда ниёз дорад. Шартҳои қарздиҳиро вобаста ба хусусияти лоиҳа, давомнокии давраи истеҳсолӣ, муҳлати азхудкунии иқтидорҳои нав ва давраи ба даст овардани даромад аз сармоягузориҳои амалишуда фарқ кунонидан мувофиқи мақсад аст. Барои лоиҳаҳои дарозмуддат давраи имтиёзнок ва арзиши қобили қабули захираҳои қарзӣ аҳаммияти махсус доранд.

Муқаррароти ҳафтуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз таҳияи ҷанбаҳои институтсионалии рушди кишоварзии органикӣ дар шароити рушди «сабз» иборат мебошад.

Такмили идоракунии равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити рушди иқтисодиёти «сабз» ба назар гирифтани на танҳо самаранокии иқтисодии маблағгузориҳоро талаб менамояд. Ҳангоми интихоби самтҳои сармоягузорӣ оқибатҳои экологии истеҳсолот, сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва масъулияти истеҳсолкунандагон дар назди истеъмолкунандагон аҳаммияти торафт бештар пайдо менамоянд.

Такмили механизмҳои танзими бозори маҳсулоти кишоварзӣ бояд дар асоси ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ бо иттифоқҳои соҳавӣ, ассотсиатсияҳо ва дигар иттиҳодияҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ амалӣ карда шавад.

Ба рушди низоми кооператсияи қарзӣ ва суғуртавии кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан мувофиқи мақсад аст. Ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор принсипҳои байналмилалии кооперативӣ ва хусусиятҳои фаъолияти деҳотро ба назар гирифтан зарур мебошад, ки ин имкон медиҳад дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ баланд бардошта шуда, устувории молиявии бахши аграрӣ таҳким ёбад.

Танҳо муносибати маҷмӯӣ ба амалисозии сиёсати давлатӣ метавонад рушди устувори деҳот ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории маҷмааи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд.

Чунин муносибат имкон медиҳад, ки хусусиятҳои соҳавии фаъолияти сармоягузорӣ ба назар гирифта шуда, натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ муқоиса ва самаранокии амалисозии сиёсати сармоягузорӣ ба таври асосноктар арзёбӣ карда шавад.

Ҳамзамон, сатҳи фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ на бо як омил, балки бо маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқаманде муайян карда мешавад, ки муҳити сармоягузории истеҳсолоти аграриро ташаккул медиҳанд.

Дар баробари ин, истифодаи арзёбиҳои рейтингӣ ҳолати объекти таҳқиқотро танҳо дар як лаҳзаи муайяни вақт инъикос менамояд. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани тавсифи воқеъбинонаи равандҳои сармоягузорӣ истифодаи муносибати динамикӣ мувофиқи мақсад аст, ки мониторинги мунтазами нишондиҳандаҳои асосӣ ва таҳлили тамоюлҳои тағйирёбии онҳоро пешбинӣ менамояд.

Дар низоми омилҳои захиравӣ шароити табиию иқлимӣ мавқеи махсус дорад, ки аз бисёр ҷиҳат хусусиятҳои рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Хусусияти таъмин будан бо захираҳои табиӣ, релеф, таъминот бо об, шароити иқлимӣ, мавсимияти истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҳолати экологии ҳудуд ба самаранокии

истифодаи захираҳои сармоягузорӣ ва дурнамои рушди устувори бахши аграрӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Яке аз чунин самтҳо масъулияти экологии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Он коҳиш додани таъсири манфии истеҳсолот ба муҳити зист, истифодаи эҳтиёткоронаи замин ва об, инчунин татбиқи усулҳои хоҷагидориеро пешбинӣ менамояд, ки ба ҳифзи захираҳои табиӣ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҷузъи экологӣ низ бояд ба назар гирифта шавад.

Масъулияти иҷтимоии истеҳсолкунанда низ мазмуни васеътар дорад. Он бо сифат ва бехатарии маҳсулот, манфиатҳои истеъмолкунандагон, ҳолати муҳити зист ва муносибати корхона ба ҷомеа алоқаманд мебошад. Дар айни замон ин омилҳо тадриҷан аҳаммияти иқтисодӣ пайдо мекунанд, зеро истеъмолкунанда ҳангоми интихоби маҳсулот на танҳо ба нарх, балки ба пайдоиш, таркиб ва хусусиятҳои экологии он низ таваҷҷуҳ менамояд.

Арзёбии самаранокии фаъолияти чунин технопаркҳоро бо ҷалби мутахассисони ватанӣ ва коршиносони ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Бонки Осиёии Рушд, гузаронидан мувофиқи мақсад аст. Ин имкон медиҳад, ки мақсаднокии иқтисодии лоиҳаҳои пешниҳодшаванда, манбаъҳои эҳтимолии маблағгузории онҳо ва дурнамои татбиқи модели мазкур дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ муайян карда шаванд.

Самти дигари баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ васеъ намудани имкониятҳои содиротии кишоварзӣ мебошад. Дар дурнамои то соли 2037 Тоҷикистон барои таҳкими мавқеи худ дар бозорҳои байналмилалии озуқаворӣ имконияти хуб дорад.

Барои ин афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти босифати кишоварзие зарур аст, ки ба талабот ва стандартҳои бозорҳои хориҷӣ ҷавобгӯ бошад. Васеъ намудани самтҳои содиротӣ метавонад даромаднокии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро баланд бардошта, ҳамзамон барои гузоштани сармоя ба соҳа ҳавасмандии иловагӣ ба вуҷуд орад.

Дар шароити пешбурди истеҳсолоти кишоварзӣ бояд қайд намуд, ки дар фаъолияти истеҳсолӣ хавфҳои муайяни вобаста ба шароити табиӣ мавҷуданд. Бисёр муаллифон усулҳои гуногуни муайян намудани хавфҳоро пешниҳод мекунанд.

Мо низ принсиперо ҷонибдорӣ менамоем, ки мувофиқи он дар раванди таснифот барои коҳиш додани хавфҳо қарорҳои пешгирикунанда қабул карда шаванд. Ҳангоми истифодаи усули мазкур дар раванди сармоягузорӣ метавон ҳам то ба вуҷуд омадани хавф ва ҳам баъд аз он чораҳои зарурӣ андешид.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи рушди «сабз»-и кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ дар асоси стратегия то соли 2037 нишон доданд, ки ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти органикӣ бояд тақрибан сад фоизро ташкил диҳад.

Барои амалисозии ҳадафи мазкур иҷрои чорабиниҳои зерин зарур аст:

- агрокластерҳо таъсис дода шуда, фаъолият менамояд;
- сармоягузориҳои «сабз» дар ҳама ҷо истифода мешаванд;
- ҷумҳурӣ пурра ба иқтисоди рақамӣ мегузарад;
- дар қисми назарраси заминҳои кишоварзӣ технологияҳои пешрафта, махсусан обёрии қатрагӣ, истифода мешаванд.

Муқаррароти ҳаштуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз асоснок намудани тавсияҳо ва пешгӯии дар амал ҷорӣ намудани сармоягузориҳо дар шароити рушди «сабз» иборат мебошад.

Дар замони муосир рафтори истеъмолкунандагон низ тадриҷан тағйир меёбад. Ҳангоми интихоби маҳсулоти озуқаворӣ қисми муайяни аҳолӣ на танҳо нархи маҳсулот, балки сифат, бехатарӣ, пайдоиш ва тарзи истеҳсоли онро низ ба назар мегирад. Дар натиҷа, талабот ба маҳсулоти органикӣ ва дигар намудҳои озуқаворие ташаккул меёбад, ки истеҳсоли онҳо бо таъсири камтар ба муҳити зист алоқаманд мебошад.

Ба андешаи мо, рушди бозори мазкур бо ҷамъшавии ба истилоҳ «сармояи саломатӣ» низ алоқаманд аст. Бо афзоиши даромад ва сатҳи огоҳии аҳолӣ таваҷҷуҳ ба сифати ғизо ва бехатарии экологии молҳои харидоришаванда зиёд мегардад. Аз ин рӯ, талабот ба маҳсулоти органикиро на танҳо ҳамчун тағйирёбии афзалиятҳои истеъмолӣ, балки ҳамчун омиле баррасӣ намудан зарур аст, ки минбаъд метавонад ба самтҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир расонад.

Васеъшавии бозори маҳсулоти органикӣ нисбат ба рафтори худи истеъмолкунанда низ талаботи нав ба миён меорад. Тадриҷан чунин муносибате ташаккул меёбад, ки ҳангоми харидани маҳсулоти озуқаворӣ оқибатҳои истеҳсоли он барои саломатии инсон, ҳолати захираҳои замин ва об, инчунин муҳити зист дар маҷмӯъ ба назар гирифта мешаванд. Дар ин ҳолат метавон дар бораи ташаккули унсурҳои рафтори истеъмолии аз ҷиҳати экологӣ масъул сухан гуфт.

Рисолати амалисозии лоиҳаи пахтакории органикӣ ташкили пахтакории органикиро тавассути ҳамкории мутақобилан судманд ба манфиати беҳтар намудани зиндагӣ, саломатии наслҳои оянда ва муҳити зист дар бар мегирад. Ҳадафи амалисозии лоиҳаи «Пахтакории органикӣ» аз ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ бо маҳсулоти органикӣ ва аз ҷиҳати ахлоқӣ тоза иборат мебошад.

Яке аз роҳҳои дастраси фурӯши маҳсулоти хоҷагиҳои хурд метавонад ярмаркаҳои кишоварзӣ бошад. Дар ин робита зиёд намудани шумораи ярмаркаҳои мунтазам баргузоршавандаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, инчунин майдонҳои мавсимии савдо мувофиқи мақсад аст. Дар оянда шумораи чунин ярмаркаҳоро тақрибан 70% ва ярмаркаҳои мавсимиро

20% зиёд намудан мумкин аст, агар ҳисобҳои дахлдор мавҷудияти талабот ва имкониятҳои истеҳсолкунандагонро тасдиқ намоянд.

Натиҷаҳои фаъолияти «Фаранко» оид ба ноҳиябандии маҳсулоти органикии кишоварзӣ дар солҳои 2021-2022 дар ҷадвали 6 оварда шудаанд.

Ҷадвали 6. – Нишондиҳандаҳои истеҳсолии амалишавии лоиҳаҳои "Фаранко" оид ба парвариши пахтаи хоми органикӣ дар солҳои (2021-2022 сол).

Район	Н.Н.	Майдон (га)	Ҳосилнокии пешбинишаванда (тонна)	фактикӣ	%	Тести ГМО
Хуросон	Хутибоев Гулмурод (13 хоҷагӣ)	82	186 650	143 150	77	0
Ҷоми	Соҳибов Раҷабалӣ (12 хоҷагӣ)	72,5	175 550	117 185	67	2
Ёвон	Гуломов Умар (37 хоҷагӣ)	133,5	348 645	278 300	80	5
Ёвон	Расулов Ҳайдар (18 хоҷагӣ)	64,8	168 900	143 680	85	2
Ёвон	Расулов Ҳайдар (18 хоҷагӣ)	58,5	133 250	112 905	85	2
Балхи	Касиров Шоҳрух	64	59 400	42230	71	1
Хуросон	«Фаранко»	80	64 000	14130	22	0

Сарчашма: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои [50, с. 68].

Таҳлили ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти органикии кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ солҳои охир фаъолона рушд намуда, ба яке аз самтҳои муҳимтарини кишоварзии ҷумҳурӣ табдил ёфтааст.

Корҳои иттилоотӣ бо аҳолӣ, аз ҷумла баргузории ярмаркаҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳое, ки дар онҳо истеҳсолкунанда метавонад маҳсулоти худро бевосита ба истеъмолкунанда пешниҳод намояд, барои рушди бозори дохилии маҳсулоти органикӣ аҳаммияти муҳим доранд. Барои хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ фурӯши мустақим махсусан муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки шумораи миёнаравҳо ва хароҷоти савдо кам карда шуда, қисми бештари даромад аз фурӯши маҳсулот ба даст оварда шавад.

Маҳз барои ҳамин саҳми дастгирии давлатӣ ба воситаи барномаҳои мақсаднок, лоиҳаҳои миллӣ ва дигар усулҳои дастгирии соҳаи кишоварзӣ зиёд шуда истодааст. Онҳо имкон медиҳад, ки чораҳои молиявӣ ташкилӣ ва институтсионалиро дар сармоягузорӣ ба самтҳое, ки аҳамияти дуру дароз барои соҳа дар шароити ташаккули иқтисодӣ "сабз" доранд равона гарданд.

Миссияи амалигардонии лоиҳаи пахтакории органикӣ ин ташкили истеҳсоли пахтаи органикӣ ба воситаи судманди ҳамкорӣ, барои беҳтар

намудани сатҳи зиндагӣ, саломатии насли оянда ва муҳити зист мебошад.

Яке аз роҳҳои дастрасӣ ба фурӯши маҳсулоти хоҷагиҳои хурд метавонад ярмаркаи кишоварзӣ бошад. Дар ин робита зиёд намудани шумораи ярмаркаҳои мунтазам баргузоршавандаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, инчунин майдонҳои майдонҳои мавсисми савдо мувофиқи мақсад аст. Дар оянда шумораи чунин ярмаркаҳои мавсимиро 20% зиёд намудан мумкин аст, агар ҳисобҳои дахлдор мавҷудияти талабот ва имконниятҳои талабот ва истеҳсолкунандагонро тасдиқ намояд.

Ҳамзамон, шумораи ҷойҳои савдоеро, ки бевосита ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти органикии кишоварзӣ пешниҳод карда мешаванд, зиёд намудан зарур аст. Тартиби мавҷудаи тақсимоти онҳо на ҳамеша барои хоҷагиҳои хурд имкониятҳои баробар фароҳам меорад, ки дар натиҷа қисми ҷойҳои савдоро миёнаравҳо ва иштирокчиёни нисбатан калони бозор ишғол карда метавонанд.

Шаффофияти иттилоотии раванди мазкур низ аҳаммияти камтар надорад. Маълумот дар бораи муҳлати баргузории ярмаркаҳо, шумораи ҷойҳои холӣ ва шартҳои иштирок бояд пешакӣ тавассути мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, сохторҳои соҳавӣ ва захираҳои иттилоотии дастрас ба истеҳсолкунандагон расонида шавад.

Чунин тартиб имкон медиҳад, ки таъсири усулҳои ғайрирасмии тақсимоти ҷойҳои савдо коҳиш дода шуда, иштироки хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ васеъ гардад.

Ҳамзамон, дастгирии давлатии соҳибкорӣ бевосита дар соҳаи кишоварзии органикӣ ҳоло ҳам ба ташаккули минбаъда ниёз дорад. Яке аз мушкилоти асосӣ мавҷуд набудани заминаи ягонаи иттилоотӣ мебошад, ки маълумотро дар бораи шумораи истеҳсолкунандагони маҳсулоти органикӣ, масоҳати заминҳои сертификатсияшуда, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш, ҳолати бозори дохилӣ ва дигар нишондиҳандаҳои зарурӣ дар бар гирад. Бе чунин маълумот муайян намудани талаботи воқеии соҳа ба сармоягузорӣ ва таҳияи пешгӯиҳои асосноки рушди минбаъдаи он мушкил аст.

Ба андешаи мо, дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ташаккул додани механизми амалкунандаи ташкилии ҳамкории давлат ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти органикӣ мувофиқи мақсад аст. Чунин сохтор бояд на танҳо дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур иштирок намояд, балки вазифаи ҳалқаи пайвасткунандаро байни мақомоти идоракунии давлатӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, коркардкунандагон, ташкилотҳои савдо ва сармоягузорон низ иҷро кунад.

Бояд қайд намуд, ки истеҳсоли пахтаи органикӣ хусусиятҳои зиёди технологӣ дорад. Риояи принсипи мазкур пеш аз ҳама бо мутобиқат ба

стандартҳои пахтаи органикӣ алоқаманд мебошад, ки дар амал риояи технологияи истеҳсоли маҳсулоти органикиро ифода менамояд.

Инчунин, барои боркашонии пахтаи органикӣ ба корхонаи пахтатозакунӣ, мувофиқи стандарти дар Аврупо қабулшуда, талаботи муайян мавҷуд аст. Тибқи технологияи қабулшудаи нигоҳдории пахтаи хом, он то интиқол додан ба сеҳҳои коркард дар ғарамҳои дорои низоми ҳаводиҳӣ бо мақсади таъмини бехатарӣ аз сӯхтор нигоҳ дошта мешавад.

Минбаъд дар давраи технологии коркарди пахтаи органикӣ риоя намудани қоидаҳои коркард, ки ба стандарти коркард дохил мешаванд, зарур аст.

Дастгирии давлатӣ дар таъмини рушди устувори кишоварзӣ мавқеи муҳим дорад. Дар ин раванд таҳия ва амалисозии тадбирҳо оид ба коҳиш додани хавфҳо дар соҳа аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Ҳамин тариқ, натиҷагирӣ аз таҳлили илмии самтҳои асосии такмили механизми ташкилии идоракунии раванди сармоягузорӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, бояд таъкид намуд, ки барои рушди устувори соҳа пешгӯӣ дар асоси истифодаи усулҳои математикӣ зарур мебошад, ки имкон медиҳад рушди минбаъдаи он муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидашудаи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди истеҳсолоти органикӣ нишон медиҳад, ки барои рушди устувори кишоварзӣ, махсусан ҷалби сармоягузориҳои «сабз», рушди истеҳсоли маҳсулоти органикӣ мавқеи муҳим дорад.

Солҳои охир дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тавассути маблағгузории буҷетии самтҳои алоҳидаи соҳа амалӣ карда мешуд. Дар соҳаи чорводорӣ дастгирии нигоҳдории саршумори модинаи зотии сермаҳсул аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда татбиқ мегардид. Ҳангоми тақсимоти захираҳои маҳдуди молиявӣ, чун қоида, истеҳсолкунандагони нисбатан устувор ва калон, ки метавонанд бозdeҳи бештари маблағҳои пешниҳодшударо таъмин намоянд, бартарӣ ба даст меоварданд.

Аммо барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ танҳо дастгирии буҷетӣ кофӣ нест. Маҳдуд будани захираҳои молиявии давлатӣ васеъ намудани дигар манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро талаб менамояд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ фароҳам овардани чунин шароите мебошад, ки дар он маблағҳои хусусӣ, қарзҳои бонкӣ, сармояи хориҷӣ ва дигар захираҳои ғайрибуҷетӣ ба соҳаи кишоварзӣ фаъолтар ворид шаванд.

Дар ин робита ҳангоми ташкили фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии органикӣ хусусиятҳои рафтори истеъмолкунандагонро низ ба назар гирифтан зарур аст. Қарор дар бораи харидани маҳсулоти органикӣ зери таъсири якчанд омил ташаккул меёбад. Ба қатори онҳо тасаввуроти истеъмолкунанда дар бораи фоидаи маҳсулот, муносибат ба масъалаҳои экологӣ, мавҷуд набудани иловаҳои номатлуб, сифати

маҳсулот, мавҷудияти тамғагузории дахлдор ва эътимод ба истеҳсолкунанда дохил мешаванд.

Ҳамзамон, мавҷудияти чунин имкониятҳо худ аз худ ҳанӯз маънои ҷолибияти баланди сармоягузориро надорад. Барои сармоягузор дастрасӣ ба маблағгузорӣ, инфрасохтор, бозори фурӯш, устувории истеҳсолот ва имконияти ба даст овардани даромад аз сармояи гузошташуда аҳаммият доранд.

Яке аз самтҳои ояндадор истеҳсоли маҳсулоти органикӣ мебошад. Барои ба бозорҳои хориҷӣ баромадани истеҳсолкунандагони Тоҷикистон танҳо истеҳсол намудани чунин маҳсулот кофӣ нест.

Муҳимтарин самти кори мазкур таъсиси низоми мукаммали таъминоти меъёрию ҳуқуқие мебошад, ки равандҳои ташаккул ва рушди бозори сармоягузориҳои «сабз»-ро танзим менамояд. Такмили механизми ҳуқуқӣ бояд рушди минбаъдаи воситаҳои маъмурӣ ва иқтисодии таъсиррасонии давлатиро пешбинӣ намуда, ҳамбастагии оқилонаи механизмҳои бозориро бо танзими давлатӣ мутобиқи афзалиятҳои рушди сармоягузорӣ ва дигаргунсозии рақамии иқтисодиёти миллӣ таъмин намояд.

Ҳамзамон, солҳои охир муътадилшавии муайяни вазъи молиявию иқтисодии корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тақвияти дастгирии давлатии маҷмааи агросаноатӣ ба мушоҳида мерасад.

Омили иловагие, ки чандирии фаъолияти хоҷагидориро маҳдуд менамояд, шароити табиию иқлимӣ мебошад. Таъсири он хусусияти устувор дошта, аз бисёр ҷиҳат хусусиятҳои фаъолияти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Қисми назарраси истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳое фаъолият менамоянд, ки шароити табиии онҳо нисбатан мураккаб буда, барои пешбурди хоҷагӣ харoҷоти иловагиро талаб мекунад.

Дар шароити гузариш ба рушди «сабз» хоҷагиҳои хурд аксар вақт барои мустақилона пеш бурдани сиёсати маркетингӣ ва баромадан ба бозори хориҷӣ маблағ ва таҷрибаи кофӣ доранд. Дар натиҷа, ҳатто ҳангоми мавҷуд будани маҳсулоти босифат истеҳсолкунанда метавонад дар фурӯши он ба мушкилот дучор шавад.

Ҳамзамон, бозори дохилии маҳсулоти органикиро низ рушд додан зарур аст. Асосан ба содирот нигаронида шудан имкон намедиҳад, ки дар дохили кишвар талаботи устувор пурра ташаккул дода шавад.

Аз ин рӯ, қисми маҳсулоти органикии истеҳсолшуда бояд дар бозори дохилӣ истеъмолкунандаи худро пайдо намояд. Барои ин дар байни аҳолӣ корҳои иттилоотию маърифатие заруранд, ки хусусиятҳои маҳсулоти органикӣ ва бартариҳои истеъмоли онро шарҳ диҳанд.

Ҷолибияти сармоягузории кишоварзӣ минбаъд аз омили иқлимӣ низ бештар вобаста хоҳад шуд. Тағйир ёфтани шароити табиию иқлимӣ хавфҳои истеҳсолоти кишоварзиро зиёд менамояд, аз ин рӯ, лоиҳаҳои

сармоягузориро бо назардошти қобилияти мутобиқшавии онҳо ба чунин тағйирот арзёбӣ намудан зарур аст.

Дар навбати худ, сармоягузориҳо ба технологияҳои экологӣ, сертификатсия, назорати сифат ва пешбурди маҳсулот барои васеъшавии минбаъдаи бозор шароит фароҳам меоранд.

Аз ин рӯ, механизми ташкилии идоракунии равандҳои сармоягузорӣ бояд тамоми ин алоқамандиро ба назар гирад: сармоягузорӣ; экологи-кунонии истеҳсолот; сифат ва сертификатсияи маҳсулот; эътимоди истеъмолкунанда; талабот; даромади истеҳсолкунанда; сармоягузориҳои нав.

Чунин муносибат имкон медиҳад, ки рушди сармоягузории кишоварзӣ на ба таври ҷудогона, балки ҳамчун раванди ба ҳам алоқаманди ташаккули истеҳсолот ва бозори маҳсулоти органикӣ баррасӣ карда шавад.

Дар идома мо таҳлили эконометрии вобастагиҳои омилӣ ва модели регрессионии бисёромиларо пешниҳод намудем. Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва васеъ гардидани истифодаи усулҳои миқдорӣ дар таҳлил ва пешгӯии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ моделсозии эконометрӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Ҳадафи асосии модели регрессионии таҳияшуда аз таҳлили миқдории алоқамандии байни нишондиҳандаи асосии натиҷавӣ (Y) ва маҷмӯи тағйирёбандаҳои шарҳдиҳандае иборат мебошад, ки дар асоси назарияи иқтисодӣ ва мантиқи фаъолияти иқтисодиёти миллӣ интихоб шудаанд (X1, X2, X6, X7). Ба сифати усули арзёбӣ усули квадратҳои хурдтарин (МНК, Least Squares) истифода мешавад, ки дар амалияи байналмилалии таҳқиқотӣ васеъ татбиқ гардида, ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи Гаусс–Марков арзёбии беғараз ва самараноки параметрҳоро барои интихобҳои хурд таъмин менамояд (Greene, 2018; Wooldridge, 2019).

Аҳаммияти назариявии модел аз он иборат аст, ки он имкон медиҳад саҳми ҳар як омил дар ташаккули нишондиҳандаи натиҷавии Y ба таври ҷудогона арзёбӣ гардида, дар ин асос самтҳои сиёсати иқтисодие асоснок карда шаванд, ки ба идоракунии равандҳои таҳқиқшаванда нигаронида шудаанд. Ҳангоми риоя шудани фарзияҳои классикии МНК (хаттият, экзогении регрессорҳо, гомоскедастикӣ ва мустақилияти бақияҳо) арзёбиҳои бадастомада дорои хосиятҳои BLUE (Best Linear Unbiased Estimator) мебошанд.

Модели регрессионии бисёромила дар шакли умумӣ ба таври зерин навишта мешавад:

$$Y_t = \beta_0 + \beta_1 X1_t + \beta_2 X2_t + \beta_6 X6_t + \beta_7 X7_t + \delta \cdot \mathrm{DUMMY}_t + \varepsilon_t \quad \textbf{(3.1)}$$

ки дар он: $t = 2015, 2016, \ldots, 2024$ — индекси давраи вақт; ε — ҷузъи тасодуфии иштибоҳ.

Ҷадвали 7. - Маълумотҳои ибтидои барои ҳисоби коэффесиентҳои ҷуфт таъсири омилҳо ба ММД –и Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
1	Маҷмӯи маҳсулоти дохила ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ) (У)	50977,8	54790,3	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	132781,9	153402,2
2	(X_1) Сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи кишоварзӣ (ҳазор. дол)	35956,1	34342,1	19305,5	18175,1	89978,2	1696,6	9490,8	407,8	2106,1	7004,6
3	(X_2) Маҷмӯи маҳсулоти дохила ба соҳаи кишоварзӣ (млн. сомонӣ)	27628,9	29053,9	32351,2	36668,9	48889,8	53235,2	56806,6	61337,9	669007,2	73976,6
4	(X_3) Маҷмӯи маҳсулоти дохила ба растани-парварӣ (млн. сомонӣ)	20203,6	21223,9	24643,5	25493,6	34124,0	36919,4	39115,6	42115,0	44976,1	50984,9
5	(X_4) Маҷмӯи маҳсулоти ба чорводорӣ (млн. сомонӣ)	7425,3	7830,0	10607,7	11175	14765,8	16315,8	17691,1	19222,9	21931,1	22991,7
6	(X_5) ворид намудани нуриҳои миниралӣ дар ҳисоби 100% м.т (ҳазор. тонна)	58,3	50,9	59,6	61,2	67,0	69,0	69,5	73,4	69,6	48,3
7	(X_6) Ворид намудани органикӣ -ҳамагӣ (ҳазор. Тонн)	136,8	117,4	185,3	172,3	265,4	274,7	160,0	241,0	324,9	120,6
8	(X7) шумораи трактороҳои ҳамаи тамғаҳо дар соҳаи кишоварзӣ (адад)	9197	26102	26405	27134	27776	27376	27590	27324	27731	27526

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф мувофиқи маълумотҳои оморӣ.

***Эзоҳ:** У- маҷмӯаи омори кишоварзӣ. (2015-2016) - (2017-2018) 2023с. С. 215. (2019-2024). 2025. С. 216. (X_1 маҷмӯаи омории, кишоварзӣ (2015, 2016, 2017, 2018, 2019, 2020, 2021, 2022, 2023, 2024). 2016с. С. 481, 2017 С. 506, 2018. С. 553, 2023. ВИБ-2019. С. 514, ВИБ-2020. С. 564, ВИБ-2021с. С. 578, маҷмӯаи оморӣ кишоварзӣ 2024, 2025с. С. 14. (X_2)- маҷмӯаи оморӣ кишоварзӣ (2015-2016). 2021с. С. 14 (2017-2018). 2023. С. 15, (2019-2024). 2025с. С. 16. (X_3) - маҷмӯаи омори кишоварзӣ (2015-2016)- 2021с. С. 16. (2017-2018) 2023с. С. 16. (2019-2024). 2025с. С. 16. (X_4) - маҷмӯаи омори кишоварзӣ (2015-2016)- 2021с. С.16. (2017-2018) 2023с. С. 16. (2019-2024). 2025с. С. 16. (X_5) - маҷмӯаи омории, кишоварзӣ (2015-2016)- 2021с. С. 26-30. (2017-2018) 2023с. С. 30. (2019-2024). 2025с. С. 30. (X_6) - маҷмӯаи омори кишоварзӣ (2015-2016)- 2021с. С. 26. (2017-2018) 2023с. С. 30. (2019-2024). 2025с. С. 30. (X_7) - маҷмӯаи омории кишоварзӣ (2015-2016)- 2021с. С. 322. (2017-2018) 2023с. С. 322. (2019-2024). 2025с. С. 322.

Аз рӯйи натиҷаҳои арзёбӣ бо истифода аз бастаи барномавии EViews муодилаи эмпирикии зерини регрессия ба даст оварда шуд:

$$\hat{Y} = -31\,697{,}64 + 22{,}878 \cdot X1 + 0{,}651 \cdot X2 + 131{,}747 \cdot X6 + 1{,}991 \cdot X7 - 179\,385{,}0 \cdot DUMMY \quad \textbf{(3.2)}$$

Тафсири иқтисодии ҳар як параметри муодилаи (3.2) оварда шудааст.

Коэффитсиенти X1 ($\beta_1 = 22{,}878$). Афзоиши X1 ба як воҳид, ҳангоми бетағйир мондани дигар тағйирёбандаҳо, боиси 22,878 воҳид зиёд шудани Y мегардад. Қимати баландтарини t-омор (26,831) дар байни ҳамаи регрессорҳо нишон медиҳад, ки X1 омили асосии муайянкунандаи динамикаи нишондиҳандаи натиҷавӣ мебошад.

Коэффитсиенти X2 ($\beta_2 = 0{,}651$). Аломати мусбати коэффитсиент вобастагии мустақими Y-ро аз X2 ифода менамояд: афзоиши X2 ба як воҳид боиси 0,651 воҳид зиёд шудани Y мегардад. Сарфи назар аз қимати мутлақи нисбатан хурд, аҳаммияти омории коэффитсиенти мазкур баланд аст ($p = 0{,}0042$), ки тасодуфӣ будани онро истисно менамояд.

Коэффитсиенти X6 ($\beta_6 = 131{,}747$). Ин коэффитсиент дар байни регрессорҳои пайваста дорои қимати мутлақи калонтарин мебошад: афзоиши X6 ба як воҳид бо 131,747 воҳид зиёд шудани Y ҳамроҳ мегардад. Қимати баланди t-омор (7,435) ва сатҳи аҳаммиятнокии $p = 0{,}0017$ ба нақши пешбари сохтории тағйирёбандаи мазкур дар ташаккули нишондиҳандаи натиҷавӣ ишора менамоянд.

Коэффитсиенти X7 ($\beta_7 = 1{,}991$). Тағйирёбандаи X7 низ ба Y таъсири мусбати аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок мерасонад ($t = 3{,}469$; $p = 0{,}0256$). Афзоиши X7 ба як воҳид боиси 1,991 воҳид зиёд шудани Y мегардад. Аҳаммиятнокии он дар сатҳи 5% тасдиқ карда мешавад.

Коэффитсиенти DUMMY ($\delta = -179\,385{,}0$). Тағйирёбандаи сохта дар модел дорои коэффитсиенти мутлақи калонтарин ва аҳаммиятнокии баландтарини оморӣ мебошад ($t = -17{,}928$; $p = 0{,}0001$). Аломати манфӣ маънои онро дорад, ки дар давраи тавассути тағйирёбандаи сохта муайяншуда (зуҳуроти буҳронӣ, тағйироти сохторӣ ё такони беруна — аз ҷумла пандемияи COVID-19) нишондиҳандаи Y нисбат ба давраи базавӣ ба ҳисоби миёна 179 385,0 воҳид пасттар буд. Ин DUMMY-ро ба унсури сохтории ниҳоят муҳими модел табдил медиҳад.

Қимати миёнаи тағйирёбандаи вобастаи Y ба 90 977,18 воҳид ва инҳирофи стандартӣ ба 34 459,94 воҳид баробар мебошад, ки аз тағйирёбии назарраси нишондиҳанда дар давраи баррасишаванда шаҳодат медиҳад. Ҳолати мазкур зарурати истифодаи мушаххасоти бисёромилаи моделро тасдиқ менамояд.

Ҳамин тариқ, натиҷагирӣ аз таҳлили илмии самтҳои асосии такмили механизми ташкилии идоракунии раванди сармоягузорӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, бояд таъкид намуд, ки барои рушди устувори соҳа пешгӯӣ дар асоси истифодаи усулҳои математикӣ зарур мебошад, ки имкон медиҳанд рушди минбаъдаи соҳа пешгӯӣ карда шавад.

Узви озод ($\beta_0 = -31\,697{,}64$). Константаи модел қимати назариявии Y-ро дар ҳолате инъикос менамояд, ки ҳамаи тағйирёбандаҳои шарҳдиҳанда ба сифр баробар бошанд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ қимати манфии константа маънои онро дорад, ки ҳангоми мавҷуд набудани саҳми ҳамаи омилҳо нишондиҳандаи натиҷавӣ қимати манфӣ мегирифт. Дар доираи УКХ константа пеш аз ҳама вазифаи техникии таъмин намудани беғаразии арзёбиҳои коэффитсиентҳои регрессияро иҷро менамояд ва на ҳамеша тафсири мустақили мазмунӣ дорад (Gujarati, 2020).


Дар натиҷа қисмати экологӣ зиёдтар аз реклама, ҳамчун тасдиқи муайяни сифати маҳсулот қабул мешавад. Аз ин, ҷо рушди бозори дохила бо корҳои фаҳмондадиҳӣ ва мукаммалгардонии Барнома ба анҷом мерасад.

Аз ин лиҳоз, дастгирии давлатии хараҷоти сертификатсионӣ, ташкили лабораторяҳо ва рушди системаи миллӣ назорат метавонад яке аз самтҳои амалии ҳавасмандгардонии сармоягузории “сабз” шавад.

Аз рӯйи натиҷаҳои арзёбӣ: F-омор = 4 386,645; Prob(F-statistic) = 0,000000. Қимати критикии F-меъёр барои сатҳи аҳаммиятнокии 1% бо дараҷаҳои озодӣ (5; 4) тақрибан 11,4-ро ташкил медиҳад. Қимати ҳисобшудаи F = 4 386,645 аз қимати критикӣ чандин маротиба зиёд мебошад, ки ин барои рад намудани фарзияи сифрии H_0 бо эҳтимолияти хатои ба сифр наздик асос медиҳад.

Пешгӯи барои давраи то соли 2030 муҳити EViews. Муқоисаи нишондиҳандаҳои амалӣ ва пешгӯишавандаи Y чунин нишон медиҳад:

Диаграммаи 7. - Дурнамои истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии дар асоси таъсири омилҳои рушди сабз то соли 2030.



Наздикии баланди хати пешгӯӣ ба қиматҳои воқеӣ бо инҳирофҳои ҳадди ақал дар ҳар як нуқтаи қатори вақт тасдиқ карда мешавад. Фосилаи эътимоднокии пешгӯӣ ($\pm 2 \cdot S.E. = \pm 1395{,}97$ воҳид) камтар аз 1,54%-и қимати миёнаи Y (90 977,18 воҳид)-ро ташкил медиҳад, ки дақиқии пешгӯиро ниҳоят баланд тавсиф менамояд (диаграммаи 13 мутобиқи ҷадвали 7).

Нишондиҳандаҳои хатои пешгӯӣ ва тафсири онҳо нишон медиҳанд, ки барои арзёбии маҷмӯии хусусиятҳои пешгӯии модел низоми нишондиҳандаҳои махсуси хатои пешгӯӣ истифода мешавад. Метрикаҳои мазкур имкон медиҳанд, ки ҳам дақиқии мутлақ ва нисбии пешгӯӣ чен карда шавад ва ҳам таҳлили муқоисавии моделҳои алтернативӣ гузаронида шавад.

Дар робита ба дурнамои динамикаи Y дар даврaҳои оянда: дар сурати нигоҳ дошта шудани алоқамандиҳои сохтории хоси даврaи солҳои 2015–2024 ва ҳангоми DUMMY = 0 будан (мавҷуд набудани зуҳуроти буҳронӣ), афзоиши тадриҷии X1 ва X6 тамоюли мусбати нишондиҳандаи натиҷавиро таъмин менамояд. Ҳамзамон, таъсири назарраси манфии DUMMY (−179 385 воҳид) таъкид менамояд, ки ба вуҷуд омадани таконҳои беруна ё шикастҳои сохторӣ метавонад хусусияти динамикаи пешгӯишавандаро ба таври назаррас тағйир диҳад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки рушди минбаъдаи фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули иқтисодиёти «сабз» ҳалли на танҳо масъалаҳои молиявӣ, балки масъалаҳои ташкилӣ, институтсионалӣ ва бозориро низ талаб менамояд.

Масъалаи сертификатсия аҳаммияти махсус дорад, барои ба бозорҳои хориҷӣ баромадани истеҳсолкунандагони ватанӣ мутобиқати маҳсулотро ба талаботи кишварҳои воридкунанда таъмин намудан зарур аст. Ҳамзамон, гузаштан аз сертификатсия тавассути ташкилотҳои байналмилалӣ хароҷоти назаррасро талаб менамояд, ки пардохти он махсусан барои хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ душвор аст.

Таҳқиқот инчунин нокифоя будани инфрасохтори илмӣ ва истеҳсолии кишоварзии органикиро нишон дод. Мавҷуд набудани шумораи кофии озмоишгоҳҳое, ки метавонанд маҳсулотро аз рӯйи мавҷудияти пеститсидҳо, ГМО (организмҳои ба таври генетикӣ тағйирёфта) ва дигар моддаҳо мутобиқи талаботи байналмилалӣ таҳқиқ намоянд, инчунин рушди нокифояи тухмипарварии махсусгардонидашуда имкониятҳои васеъ намудани истеҳсолоти органикиро маҳдуд месозанд.

Ҳамзамон, кишоварзии Тоҷикистон барои рушди самти мазкур бартариҳои муайян дорад. Бозори дохилии маҳсулоти органикӣ ҳанӯз дар марҳалаи ташаккул қарор дошта, бо сатҳи нисбатан пасти рақобат тавсиф мегардад. Дар баробари ин, имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ мавҷуд буда, таваҷҷуҳ ба истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ устувор меафзояд ва намудҳои алоҳидаи маҳсулоти кишоварзии ватанӣ барои пешбурд ба бозорҳои хориҷӣ иқтидор доранд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар марҳалаи ибтидоӣ рушди самти содиротии маҳсулоти органикӣ метавонад яке аз афзалиятҳо бошад. Аммо танҳо ба бозори хориҷӣ нигаронида шудан низ набояд ба ҳадафи ниҳоӣ табдил ёбад. Ҳамзамон ташаккул додани

талаботи дохилӣ, васеъ намудани роҳҳои мустақими фурӯши маҳсулот, баргузор намудани ярмаркаҳои кишоварзӣ ва фароҳам овардани шароите зарур аст, ки дар он истеҳсолкунандагони хурд тавонанд мустақилона ба харидори ниҳоӣ бароянд.

Ҳамзамон, рушди муносибатҳои бозорӣ ба самаранокии истифодаи дороиҳои гардон таъсири муайян расонид. Ташаккули моликияти хусусӣ ва баланд гардидани мустақилияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба истифодаи нисбатан оқилонаи захираҳои моддӣ, молиявӣ ва истеҳсолӣ мусоидат намуданд.

Дар шароити афзоиши устувори нархи захираҳои моддию техникӣ, ки аз суръати болоравии арзиши маҳсулоти кишоварзии фурӯхташаванда пештар буд, корхонаҳо маҷбур шуданд тадбирҳои коҳиш додани хароҷотро фаъолтар ҷорӣ намоянд.

Чунин вазъият ба ташкили хизматрасонии техникии парки мошину трактор низ хос мебошад. Дар бисёр корхонаҳои кишоварзӣ воҳидҳои таъмирии худӣ, ки дорои биноҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот ва кормандони махсусгардонидашуда мебошанд, фаъолияти худро идома медиҳанд. Аммо ҳангоми маҳдуд будани ҳаҷми корҳои таъмирӣ нигоҳдории чунин инфрасохтор самаранокии зарурии иқтисодиро таъмин намекунад, ки дар натиҷа хароҷоти хизматрасонии техника ба таври назаррас меафзояд.

Шарти муҳими рушди сармоягузории соҳа такмили дастгирии давлатӣ мебошад. Он бояд на танҳо маблағгузории мустақим, балки қарздиҳии имтиёзнок, дастгирии сертификатсия ва пешбурди маҳсулот, рушди инфрасохтори нигоҳдорӣ ва коркард, таъминоти иттилоотии истеҳсолкунандагон ва ҳавасмандгардонии ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатарро низ дар бар гирад.

Дар ин ҳолат барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва лоиҳаҳои миллӣ бояд ҳамчун воситаи мутамарказ намудани захираҳои сармоягузорӣ ба самтҳои муҳимтарини рушди кишоварзӣ баромад намоянд.

Такмили механизми ташкилии идоракунии равандҳои сармоягузорӣ низ аҳаммияти алоҳида дорад. Байни мақомоти давлатӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ташкилотҳои молиявӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар иштирокчиёни бозор алоқамандии зичтар зарур аст. Бе чунин ҳамкорӣ тадбирҳои алоҳидаи дастгирӣ метавонанд натиҷаи маҳдуд дошта, самараи зарурии сармоягузориро ба вуҷуд наоранд.

Дар шароити вобастагии баланди соҳаи кишоварзӣ аз омилҳои табиию иқлимӣ, молиявӣ ва бозорӣ хавфҳои сармоягузориро низ ба назар гирифтан зарур аст. Коҳиш додани онҳо тавассути суғурта, тақсимоти хавфҳо байни иштирокчиёни лоиҳаҳо, дастгирии давлатӣ, ташаккули захираҳо ва интихоби дақиқтари лоиҳаҳои сармоягузорӣ имконпазир мебошад. Ҳамзамон, усулҳои идоракунии хавфҳо бояд бо назардошти хусусиятҳои корхонаи мушаххас ва самти гузоштани сармоя муайян карда шаванд.

Таҳқиқот нишон дод, ки муқаррароти асосӣ таҳия гардида, вобаста ба ҷалби сармоягузориҳои «сабз» ба соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд ва онҳо тамоюли афзоиш доранд.

Яке аз мушкилот огоҳии нокифояи аҳолӣ дар бораи маҳсулоти органикӣ боқӣ мемонад. Бисёр истеъмолкунандагон оид ба фарқияти байни аломатҳои «органик», «маҳсулоти органикӣ», «БИО», «бе ГМО», «маҳсулоти экологӣ» ва «маҳсулоти табиӣ» тасаввуроти дақиқ надоранд.

Шарти муҳими рушди сармоягузории соҳа такмили дастгирии давлатӣ мебошад. Он бояд на танҳо маблағгузории мустақим, балки қарздиҳии имтиёзнок, дастгирии сертификатсия ва пешбурди маҳсулот, рушди инфрасохтори нигоҳдорӣ ва коркард, таъминоти иттилоотии истеҳсолкунандагон ва ҳавасмандгардонии ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатарро низ дар бар гирад. Дар ин ҳолат барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва лоиҳаҳои миллӣ бояд ҳамчун воситаи мутамарказ намудани захираҳои сармоягузорӣ ба самтҳои муҳимтарини рушди кишоварзӣ баромад намоянд.

Такмили механизми ташкилии идоракунии равандҳои сармоягузорӣ низ аҳаммияти алоҳида дорад. Байни мақомоти давлатӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ташкилотҳои молиявӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар иштирокчиёни бозор алоқамандии зичтар зарур аст. Бе чунин ҳамкорӣ тадбирҳои алоҳидаи дастгирӣ метавонанд натиҷаи маҳдуд дошта, самараи зарурии сармоягузориро ба вуҷуд наоранд.

Равишҳои илмии мавҷударо ҷамъбаст намуда, дақиқ кардани мазмуни категорияи хавфи фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкориро мувофиқи мақсад мешуморем. Пешниҳод мегардад, ки зери мафҳуми хавф эҳтимолияти дур шудани натиҷаҳои воқеии амалисозии қарори сармоягузорӣ аз параметрҳои пешгӯишуда дар натиҷаи таъсири омилҳои номуайяние фаҳмида шавад, ки ба ноил гардидан ба ҳадафҳои иқтисодии гузошташуда таъсир мерасонанд.

Дар баробари омилҳои дохилии хавфи сармоягузорӣ, механизмҳои институтсионалии танзими давлатӣ ва байналмилалии ҳаракати сармоя барои баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ аҳаммияти назаррас пайдо менамоянд.

Амалияи муосири сармоягузории байналмилалӣ нишон медиҳад, ки тақсимоти фазоии ҷараёнҳои сармоягузорӣ бо номутаносибии баръалои ҳудудӣ тавсиф мегардад.

Дар аксари ҳолатҳо сармоягузорони хориҷӣ дар бораи марказҳои калонтарини иқтисодӣ ва агломератсияҳои саноатӣ маълумоти нисбатан пурра доранд, дар ҳоле ки минтақаҳои камтар рушдёфта бо сабаби шаффофияти нокифояи иттилоотӣ, фаъолияти маҳдуди маркетингӣ ва муаррифии суст дар бозори байналмилалии сармоягузорӣ аз доираи таваҷҷуҳи онҳо берун мемонанд.

Инчунин, ҳатто ҳудудҳое, ки дорои иқтидори назарраси табиию захиравӣ ва истеҳсолӣ мебошанд, на ҳамеша метавонанд ҳаҷми зарурии сармояи хориҷиро ҷалб намоянд.

Аз ин рӯ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории давлат бояд ҳамчун раванди маҷмӯие баррасӣ карда шавад, ки на танҳо такмили сиёсати иқтисодӣ, балки ташаккули симои мусоиди байналмилалии сармоягузории кишварро низ дар бар мегирад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори назарраси табиию захиравӣ, мавҷудияти захираҳои меҳнатии нисбатан арзон ва дорои тахассуси кофӣ, бозори дохилии васеъшаванда, рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва телекоммуникатсионӣ, инчунин фаъол гардидани ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ ҳамчун бартариҳои муҳими рақобатӣ баромад менамоянд.

Маҷмӯи омилҳои зикршуда ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намуда, барои васеъ гардидани воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ заминаҳои иловагӣ фароҳам меорад.

Бо назардошти ин, сиёсати рушди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд на танҳо ба нигоҳ доштани сармоягузорони мавҷуда, балки ба ташаккули симои мусбати сармоягузорие равона гардад, ки метавонад эътимоди иштирокчиёни нави бозори байналмилалии сармоягузориро баланд бардорад.

Дар ин робита созишномаҳои дуҷониба оид ба пешгирии андозбандии дукарата, инчунин созишномаҳо оид ба ҳифзи мутақобила ва ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои хориҷӣ нақши махсус доранд, ки амали онҳо хусусияти интихобӣ дошта, танҳо ба давлатҳои иштирокчии шартномаҳои дахлдори байналмилалӣ паҳн мегардад.

Дар сурати истифодаи самаранок, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ метавонанд ба яке аз омилҳои асосии суръат бахшидани рушди иқтисодӣ, такмили сохтори такрористеҳсолии иқтисодиёт, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва ҳалли вазифаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёбанд.

Аммо ноил гардидан ба натиҷаҳои зикршуда танҳо дар сурати мавҷуд будани сиёсати пайгиронаи давлатӣ имконпазир мебошад, ки танзими самараноки равандҳои ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷиро таъмин менамояд.

Таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта нишон медиҳад, ки сиёсати аграрӣ ба мониторинги доимии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодие асос меёбад, ки самаранокии фаъолияти соҳаи кишоварзиро тавсиф менамоянд.

Ба қатори чунин нишондиҳандаҳо сатҳи хароҷоти истеҳсолии гурӯҳҳои алоҳидаи истеҳсолкунандагони махсусгардонидашудаи маҳсулоти кишоварзӣ ва навъҳои маҳсулот, риояи паритети нархҳо ба захираҳои моддию техникӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин

динамикаи даромаднокии хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳаҳои алоҳида ва дар соҳаи кишоварзӣ дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, такмили фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба таври маҷмуӣ амалӣ карда шавад. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳа, рушди танзими давлатӣ, такмили сертификатсия ва тамғагузорӣ, бунёди инфрасохтори зарурӣ, коҳиш додани хавфҳои сармоягузорӣ ва васеъ намудани бозори маҳсулоти органикӣ бояд ҳамчун самтҳои ба ҳам алоқаманд баррасӣ карда шаванд.

Татбиқи онҳо имкон медиҳад, ки тадриҷан барои сармоягузории «сабз» шароити нисбатан мусоид фароҳам оварда, ҳавасмандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ баланд бардошта шавад ва имкониятҳои маҳсулоти ватанӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори хориҷӣ васеъ гарданд.

Дар сурати дастгирии дахлдори давлатӣ ва рушди пайгиронаи инфрасохтори зарурӣ, кишоварзии органикӣ метавонад ба яке аз самтҳои ояндадори соҳибкории аграрии Тоҷикистон табдил ёбад. Дар баробари ин, натиҷа на аз як барнома ё тадбири алоҳидаи дастгирӣ, балки аз ҳамоҳангии қонунгузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва рушди худи бозор вобаста хоҳад буд.

Яке аз унсурҳои муҳими модели хориҷӣ истифодаи ҳавасмандкуниҳои андозӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, пеш аз ҳама ба истеҳсолоти дорои технологияҳои баланд ва инноватсионӣ, мебошад.

